**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД:** 321.15 (575.3:575.1)

**ТБК**: 66.3 (2Т)

**М** – 22

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**МАМАДҚУЛОВА РАНО ОЛИМОВНА**

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ УЗБЕКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (ОХИРИ АСРИ XX – АВВАЛИ АСРИ XXI): ШАРОИТҲО ВА ХУСУСИЯТҲО

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Самиев Холаҳмад Давлатович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Саидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, профессори сарходими шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ<br>**Қудратов Комрон Абдунабиевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав |

Ҳимояи диссертатсия 24 сентябри соли 2025 соати 13:30 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Суроға: Умаров А.Қ. abdullo1189@mail.ru (тел.: +992 904-42-30-00)

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” ____________ соли 2025 ирсол шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар шароити афзудани раванди ҷаҳонишавӣ, болоравии суръати тағйирёбии шароит ва муҳити байналхалқӣ кишварҳои тозаистиқлол маҷбур мешаванд, ки пеш аз ҳама дар андешаи устувор ва таҳкими робитаҳои васеъ ва ҳамаҷониба бо ҳамсоягони худ дар минтақа ва тавсеаи ҳамгароӣ дар чаҳорчубаи ниҳодҳои минтақавӣ бошанд. Аз ин ҷост, ки масъалаи таҳкими робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои ҳамсоя дар минтақа ба мақоми аввали афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад. Ин амрро мо пеш аз ҳама дар он бахшҳои Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба сиёсати хориҷии кишвар бахшида мешаванд, мушоҳида мекунем. Аз ҷумла, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 22 декабри соли 2017 ба парлумони кишвар бо ишора ба шароити мавҷуди минтақа гуфта буд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон моҳиятан тағйир накарда, авлавиятҳои он ба таври собит ва усулӣ боқӣ мондааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти худ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардуми минтақа бар пояи дУстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.[14,2]

Дар миёни кишварҳои минтақа кишвари ҳамҷавори Узбекистон, ки бо мо аз ҳама бештар марзи тулонӣ дорад, мақоми хоса касб кардааст ва ин тасодуфӣ нест. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта, пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳарду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд.

Чунончи, 22-юми октябри соли 2022 дар рузҳои ҷашнгирии 30-юмин солгарди устуворшавии робитаҳои дипломатӣ дар пойтахтҳои ҳар ду кишвар – дар Душанбе ва Тошканд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев барқияи табрикӣ фиристода, изҳор дошта буд: “Сиюмин солгарди барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон фурсати

фараҳбахшеро фароҳам овардааст, то дар ростои ин санаи муҳим дар таърихи навини робитаҳои байни кишварҳоямон ба Шумо табрикоти гарму самимӣ ва таманниёти беҳтарини худро расонам. Боиси хушнудист, ки дар ин давра муносибатҳои дустӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории Тоҷикистону Узбекистон, зимни рушди пайваста дар тамоми соҳаҳои мавриди манфиати ҷонибҳо, имрУз ба сатҳи баланди шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ расидаанд. Мо аз ҳолати кунунии муносибатҳои барои ҷонибҳо судманди ду кишвар амиқан изҳори қаноатмандӣ карда, итминон дорем, ки ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Узбекистон, ки бар асоси усулҳои пойдори ҳамсоягии нек, эҳтиром, эътимод ва дастгирии ҳамдигарӣ бунёд ёфтаанд, минбаъд низ бо суръати афзоянда рушд намуда, ба нафъи манфиатҳои аслии ду мардуми бародар бо иқдомҳои нави созанда ғанӣ хоҳанд гардид".[65]

Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев низ дар барқияи ҷавобӣ чунин таъкид карданд:" «…таърихи сисолаи ҳамкориҳои мо пур аз руйдодҳои муҳимму дурахшон буда, равобити наздику дустона дар ҳамаи соҳаҳо пайваста таҳким ёфтаанд, заминаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои босамари сохтории муносибатҳои гуногунҷанба таъсис дода шудаанд. Мо махсусан аз он шодем, ки ҳамкориҳои миқёсан васеи байни кишварҳои мо барқароргардида бар пояи усули эътимод ба якдигар, эҳтироми баланд, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ бо суръати баланд рушд меёбанд. Муколамаи фаъоли дар сатҳи олӣ ва баланд дар руҳияи шаффофияту созандагӣ ба роҳ мондашуда, инчунин механизмҳои амалкунандаи танзими муносибатҳои байнидавлативу байниҳукуматии мо ҳамчун асоси устувор барои таҳкими ҳамкориҳои судманди ҷонибҳо дар ҳамаи самтҳо хидмат карда истодаанд».[65]

Мавзуи ҳамкориҳои ду давлати ҳамсоя, дар замони афзудани рақобатҳои геополитикиву геоиқтисодии кишварҳои абарқудрат барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ хеле актуалӣ мебошад. Бо барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (соли 1992) беш аз дусад созишномаву шартномаҳо дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидаанд, ки самтҳои асосии ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро муайян намудаанд. Дар Аҳднома дар бораи дустӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз 4-уми январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дустии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз 15-уми июни соли 2000 асосҳои муносибатҳои дутарафа муайян карда, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва

истиқлолияти якдигар, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, ҳаракат ба робитаҳои иқтисодии мутақобила таҷассум ёфтаанд, ки бахши муҳимми корро фаро мегиранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи "Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо" дар илм мавзуи нав бошад ҳам, аллакай ҷанбаҳои гуногуни он мавриди таҳқиқи чандин рисолаҳои илмӣ ва китобу дастурҳои гуногун дар ду кишвар ва берун аз он қарор гирифтанд. Аслан тамоми сарчашмаҳо ва адабиёти мавҷударо аз лиҳози замон, макон ва фарогирии масъалаҳо, мансубият ба ин ё он соҳаи ҳамкориҳо метавон ба чанд бахш тақсим кард. Пеш аз ҳама ёдовар шуданием, ки осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рисола ҳамчун раҳнамо ва дастури амал хизмат намудаанд.[22, 23,24, 25]

Ба гурӯҳи якум асару мақолаҳои ходимони давлативу байналмилалӣ, аз ҷумла вазирони корҳои хориҷии замони истиқлолият, муҳаққиқони соҳаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик ворид карда шудаанд, ки ба устувор шудани робитаҳои дипломатиии Тоҷикистон ва Узбекистон ва ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои ду ҳамсоякишвар бахшида шудаанд. Дар ин миён метавон аз осори академик Т.Н. Назаров [40], Ҳ. Зарифӣ [35], А. Сатторзода [46], З. Сайидзода [44, 45], А. Шарифзода [48] ва дигарон ёдовар шуд.

Гурӯҳи дуюми адабиёт он силсила асару мақолаҳоеро фаро мегирад, ки ба таърихи робитаҳо ва ҳамкориҳои халқҳои тоҷику узбек дар даврони шуравӣ бахшида шудаанд. Ин силсилаи навиштаҳо дар рисола ба хотири мушаххассозии пешдаромади таърихии робитаҳои ду кишвари бо ҳам дусту бародар ва исботи он ки то ба даврони истиқлол дар робитаи ду кишвар заминаи мустаҳками таърихиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам омада буд, истифода шудаанд. Аз ҷумла, осори академикҳои тоҷик Б.Ғ. Ғафуров [31, 32, 33], З. Ш. Раҷабов [42], адабиётшиноси узбек Э. Шодиев [50], муаррихи варзида З. Богуманова [30], А. Раҳмонзода [43], Б. Ниёзмуҳаммадов [41], таҳқиқотҳои дастаҷамъонаи олимони ҳар ду кишварро, ки ба таъриху вижагиҳои ҳамкориҳои ду халқ дар даврони шУравӣ бахшида шудаанд, метавон номбар кард [36,37.38]. Бахусус, омӯзиш ва истифодаи маводи муҳимми расмиву таърихие, ки дар китоби "Таърихи халқи тоҷик. Таърихи навтарин "аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик гирд оварда шудааст, барои баҳодиҳии объективӣ, мушаххассозии вижагиҳо ва

мушкилиҳои робитаи ду кишвари ҳамсоя дар даврони сардшавии муносибатҳои дуҷониба кумаки зиёде кардаанд[37].

**Ба гурӯҳи сеюм** силсилаи китобу мақолаҳои дар даврони истиқлол батабърасида шомиланд. Қабл аз ҳама метавон китобҳои муаррихони варзида М. Бобохонов "Таърихи тоҷикони ҷаҳон" [29] ва Ҳ. Шарифов "Тоҷикони бурунмарзӣ"-ро [49] зикр кард, ки ба масъалаҳои муҳимми таърихи ҳамзистӣ ва ҳамкориҳои халқҳои тоҷику узбек бахшида шудаанд. Сипас, метавон аз силсила-таҳқиқотҳое назири "Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият" [47], ки дар онҳо заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Тоҷикистону Узбекистон дар солҳои аввали истиқлолият тавсиф ва таҳлил карда шудаанд, ёдовар шуд.

Китоби академик А. Раҳмонзода бо номи "Гуфтугу аз дустӣ дорем мо" [43] дар омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи алоқаҳои адабиву фарҳангии халқҳои тоҷику узбек ва иқдоми ҳукуматҳо дар замони соҳибихтиёрӣ чун сарчашмаи муътамад хизмат мекунад.

**Ба гурӯҳи чаҳорум**, корҳои илмию таҳқиқотии олимони тоҷику узбек ва олимони хориҷӣ мансубанд, ки дар онҳо паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Узбекистон инъикос ва таҳлил шудаанд. Дар ин рисолаҳо муаллифон ба масъалаҳои гуногуни ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон диққат ва эътибори махсус дода, тавонистаанд равандҳои устувор ва таҳкими муносибатҳо, шароит ва заминаҳои воқеиро ба таври умумӣ ба таҳқиқ гиранд [52, 53, 54,55]. Ҳамзамон барои таҳаққуқи фикру андешаҳо оид ба махсусият ва самтҳои мубрами робитаҳои ду кишвар, бахусус мушкилоту монеаҳои мавҷуда, ки дар рисолаҳои илмии муаррихон ва инчунин адабиёти расмии нашршуда ҷойи худро наёфтаанд, силсилаи мақолаҳои илмиву оммавии муҳаққиқон, коршиносон, рузноманигорон хизмати босазо намудаанд, ки зикри онҳо бамаврид аст [62, 64, 66, 67, ,76,  82, 83].

Бояд зикр намуд, ки сафарҳои расмии давлатии сарварони давлатҳо – Шавкат Мирзиёев ба Душанбе (моҳи марти соли 2018) ва Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд (моҳи августи соли 2018) воқеаҳои басо муҳимми таърихӣ дар густариши робитаҳои тарафайн гаштанд. Кушишҳо баҳри густариши робитаҳои дустона аз ҷониби сарони давлатҳои Тоҷикистону Узбекистон боиси он гашт, ки танҳо дар ҷараёни ду вохурии сатҳи олӣ наздик 50 созишномаи ҳамкорӣ, аз ҷумла Созишномаи ҳамкории стратегиро ба тасвиб расониданд. Дар ҳамин асос метавон хулоса кард, ки мавзуи ҳамкориҳои ҳасанаи Тоҷикистон ва Узбекистон дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва

адабиёти фаровон омухта, таҳлил ва таҳқиқ карда шудааст, ки ҷиҳатҳои илмию назариявӣ ва амалии рисоларо мукаммал гардонидаанд.

**Робитаи кор бо барнома(лоиҳа)-ҳои мавзеи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи “Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмиллалӣ “ барои солҳои 2016-2020 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** омӯзиши раванд, махсусият ва шароити ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Узбекистон дар даврони истиқлолият мебошад. Барои расидан ба ин мақсад муаллиф ҳалли **вазифаҳои** зеринро зарур медонад:

- омӯзиш ва таҳлили заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон;

- таҳлили шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI;

- омӯзиш ва таҳқиқи ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистону Узбекистон;

-омӯзиш ва таҳлили вазъи муносибатҳои Тоҷикистону Узбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI;

- омӯзиш ва таҳлили раванди муътадилшавии робитаҳои ду кишвари ҳамсоя дар даҳаи дуюми асри XXI ва аҳаммияти таърихии онҳо;

- кушодани моҳияти “сиёсати дарҳои кушод” ва дипломатияи бисёрсамтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бартараф намудани мушкилот ва душвориҳо дар робитаҳои ду кишвари ҳамсоя;

- омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар;

- таҳлили афзалиятҳо ва мушаххассозии дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаи ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** омӯзиши шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар замони истиқлолият, ба вижа охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI мебошад.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҳқиқи руйдодҳо ва вижагиҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо Узбекистон дар охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI мебошад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2016-2022-ро дар бар мегирад. Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Чаҳорчубаи таърихии таҳқиқот аз замони дастёбӣ ба истиқлолият то соли 2019-ро дар бар гирифта, марҳилаҳои устуворшавии робитаҳои дипломатӣ, хусусият ва вижагиҳои робитаҳои дуҷониба дар шароити мураккаби солҳои 90-уми асри XX ва даҳсолаи аввали асри XXI, сардшавии робитаҳои дуҷониба ва паёмадҳои он, ҷустуҷуи роҳҳо ва механизмҳои муътадилшавии муносибатҳо дар даҳсолаи дуввуми асри XXI ва махсусияти ташаккули шарикии стратегии ду кишварро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** назарияҳои ҳокими равобити байналмилал ва робитаҳои байнидавлатӣ, дастуру пешниҳодот ва доктринаи сиёсати хориҷии давлатҳо, аз ҷумла Консепсияҳои сиёсати хориҷии ҳар ду мамлакат ташкил медиҳанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро равиши маъмули системавӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ ва дигар услубу методҳои роиҷ дар илми равобити байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлили таҳқиқотро** Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эъломияҳои байналхалқӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ, маводи бойгониҳои марказии давлатии Тоҷикистон, бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии диссертатсия.** Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ ва кушодани ҷанбаҳои гуногуни он муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода кардааст, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд. Ба **гурӯҳи аввали** сарчашмаҳо манбаъҳои сатҳи аввал – осору суханрониҳо, баромадҳо, Паёмҳои солонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин осору баромадҳо ва изҳоротҳои Президенти Ҷумҳурии Узбекистон ворид мешаванд, ки ҳамчун раҳнамо ва илҳомбахши раванди робитаҳои ду давлат хизмат мекунанд [10, 11, 15, 16, 17].

**Гурӯҳи дуюмро** маводи бойгониҳои вазоратҳо ва идораҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маводи бойгониҳои

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ҷамъияти дустӣ ва равобити фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ истифода шудааст.

Ба **гурӯҳи сеюм** ҳуҷҷатҳои расмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқии муайнякунандаи сиёсати хориҷӣ, созишномаҳо, протоколҳои комиссияҳои байниҳукуматӣ, эъломияҳо ва асноди дигари алоқаманд ба мавзуъ дохил мешаванд [1,2,3,4,5, 6, 7,8]. Санадҳои расмӣ барои тавсеаи ҳамкориҳои дустонаи Тоҷикистону Узбекистон заминаи устувори меъёриву ҳуқуқӣ фароҳам оварда, дар онҳо усули роҳандозӣ ва дурнамои муносибатҳо дар самтҳои гуногун таҷассум гардидаанд.

Ба **гурӯҳи чаҳорум** мақолаҳои таҳлилӣ, ахбору гузоришҳо, маводи расмӣ ва рӯзмарраи расонаҳои ахбори омма, бахусус рузномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ шомил мешаванд. Дар бораи ҳамкориҳои муҳим муаллифон басо амиқ бо дарназардошти манфиатҳои мутақобилан судманд сухан рондаанд ва аз номи мардум истиқбол кардаанд. Дар ин бахш ҳамчунин мақолаву гузоришҳои зиёде дар рузномаҳо ва ҳафтаномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум", "Минбари халқ", "Адабиёт ва санъат", "Тоҷикистон", рузномаву маҷаллаҳои вилоятиву маҳаллӣ мавҷуданд, ки ҳангоми омӯзишу таҳлил аз онҳо фаровон истифода бурда шуда, дар бобҳо ва фаслҳои ин рисола амиқан сабт ёфтаанд.

Ба **гурӯҳи панҷум** маводи иттилоотӣ ва таҳлилии дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ нашршуда мансубанд. Дар замони пуршури кунунӣ ин бахш низ аҳаммияти калонро касб мекунад. Зеро суръати паҳншавии ахбор ва маълумот, бахусус ахбору гузоришҳои расмии давлатию ҳукуматӣ басо баланд буда, талаботи айём низ инро тақозо мекунад. Масалан, хабарҳои кори хубу муназзами комиссияи байнидавлатӣ оид ба масоили байнисарҳадӣ, имзои созишномаҳои ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Узбекистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо тезтар ва хубтар дар сомонаҳо интишор ёфтаанд, ки мувофиқи матлаб мебошанд. Чунонки собит мешавад, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ низ барои ба даст овардани маълумоту гузоришҳо, санаду маводи омӯзишӣ ва ҳуҷҷатҳои расмию мақолаҳои таҳлилӣ сарчашмаи басо арзишманд буда, имкон фароҳам меоварад, ки ҳар чӣ бештар адабиёт ва маводи зарурӣ дастрас карда шаванд [63, 71, 77, 78, 79, 81, 83].

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар омӯзиши шароит ва хусусиятҳои робитаҳои Тоҷикистон бо Узбекистон дар охири асри XX ва даҳсолаҳои

аввали асри XXI ифода меёбад. Зеро агар дар даҳсолаи охири асри XX заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии ду кишвар гузошта шуда бошад, пас дар оғози асри XXI сиёсатҳои хориҷии ҳар ду мамлакат мушаххас ва суроби муайяни назариявӣ ва геополитикӣ гирифта, дипломатияи бисёрсамтӣ ба ҳайси роҳи асосии стратегии Тоҷикистон эътироф шуда буд. Навовариҳо дар таҳлилу таҳқиқ дар он зоҳир мегарданд, ки замони омӯзиш ва баррасиҳо басо мураккаб ва тағйирёбанда буда, дар ҳама ҳолат мушкилот ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ба мадди аввал мебароранд. Аз ин лиҳоз навгониҳо ва навовариҳоро ба чунин бахшҳо ва ё ҷанбаҳо табақабандӣ кардан мумкин аст:

- **дар бахши сиёсат**: мутобиқгардонии шароит ва имконияти тарафайн дар фароҳамоварӣ ва истифода аз ҷониби ҳукуматҳо ва комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ;
- **дар бахши иқтисодӣ**: истифодаи равандҳо ва фишангҳои давлатӣ ва ғайридавлатии иқтисодӣ барои фаро гирифтани бозори маҳсулот ва равнақи фурУши маҳсулот;
- **дар бахши иҷтимоӣ**: ҳарчи бештар имконият ва шароит фароҳам овардан ба бахши хусусии иқтисодиёт ва дар ҳамин замина беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум;
- **дар бахши илм ва маърифат**: диққату эътибори хос ба мактабҳо (новобаста аз шаклҳои моликият), муассисаҳои олии касбӣ, равобити мустаҳками илм ва истеҳсолот ва дар ин замина тараққӣ додани технологияи соҳаи саноат;
- **дар бахши фарҳангу ҳунар ва адабу ахлоқ**: тавсеаи рафтуомади муштарак байни муассисаҳои фарҳангӣ, театрҳо, ҳунарварон, адибон, ходимони илму фарҳанг, ташкили Рузҳо ва Ҳафтаҳои адабиёт ва фарҳанги тоҷику узбек дар ҳар ду давлат;
- **дар бахши энергетика ва табодули маводи сухт ва энергетика**: рушди ҳамкориҳои амалӣ барои бунёди НБО дар Тоҷикистон бо маблағгузории Узбекистон ва равнақи додугирифти газу барқ;
- **дар бахши мелиоратсия ва объёрӣ, масоили глобалии об ва кишоварзӣ**: рушди анъанаҳои пештараи таъминот бо об ва такмили иншооти мелиоративӣ, шабакаҳои объёрии кишварҳо, ташкили бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ;
- **дар бахши нақлиёт ва коммуникатсия:** ба роҳ мондани рафтуомади одамон ва боркашониҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ, беҳтар кардани шароити логистикии ҳамлу нақли бору молҳо;

**- дар бахши сайёҳӣ**: истифодаи имкониятҳои калони сайёҳии табиӣ ва экологӣ, таърихӣ ва кишваршиносӣ дар ҳар ду давлат, ташкили зерсохтори замонавии сайёҳӣ.

**Муқаррароти асосии таҳқиқот, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, инҳоянд:**

1. Ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон дар давраи навтарини рушди онҳо, дар вазъияти нави геополитикӣ, хислату хусусияти нав пайдо кардаанд; Ба моҳият ва мазмуни робитаҳои байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон мавҷудияти равишу бардоштҳои хоси ду мамлакат дар масъалаҳои муҳим ва усулии робитаҳои минтақавӣ таъсир мерасонд;

2. Сардӣ ва рукуд дар муносибатҳои ҳар ду мамлакат боиси зуҳури мушкилиҳои нав дар муносибати байниҳамдигарии онҳо гардид, ки ба рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон таъсири манфии худро расонд;

3. Баъди сардиҳои кутоҳмуддат шароити ба ҳам омадан ва ба манфиати миллии якдигар эҳтиром гузоштан дар амалияи муносиботи байналмиллалии Осиёи Марказӣ возеҳ ва воқеӣ имконпазир гардид;

4. Раванди гузариш аз ҳолати сардӣ ба муътадил шудани ҳамкориҳо, ки пеш аз ҳама бо талошу кушишҳои пайгиронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари нави давлати ҳамсоя муҳтарам Шавкат Мирзиёев имконпазир гардиданд, барои ба вуҷуд омадани фазои нави эътимод ва ҳамкориҳои судманд дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаи нав фароҳам оварданд;

5. Шароити нави муҳайёгашта, ба вижа устуворшавии шарикии стратегӣ барои муттаҳид гардонидани имконияту захираҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи таъмини амният ва суботи минтақа ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба заминаи устувори сиёсиву байналхалқӣ эҷод карданд.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсия.** Рисола дар мавзуи “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо ” пеш аз ҳама барои омузгорони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаҳо, равандҳо, шароит ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилан

судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Баробари ин таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзУи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун дастури назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар муҳиммияти истифода дар фаъолияти ҳаррузаи мутахассисони соҳаи муносибатҳои дипломатӣ зуҳур меёбад. Азбаски дар рисола шароит, хусусият ва имкониятҳои ду ҷумҳурӣ таҳқиқ шудаанд, масъулони соҳаҳо метавонанд дар асоси тавсия ва пешниҳодҳои ироашуда фаъолияти хешро ба роҳ монанд. Азбаски замони ҷаҳонишавии робитаҳо уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро равшан мегардонад ва шароити амалии ҷадид ба миён меояд, таҷрибаи андухтаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон ва Узбекистон дар ин марҳила мазмуни амиқ касб намуда паёмади хуше ба бор меоваранд ва намунае барои дигар ҳамсояҳо мебошанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои тадқиқот ва ҳаҷми интишорот, усулу равиши гузаронидани таҳқиқот таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба шиносномаи 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шуруъ аз интихоби мавзУъ, муайян ва мушаххас намудани мубрамияти он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷу анҷом ёфтааст. Муҳаққиқ дар ҷараёни кор ба шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намуда, вобаста ба муҳтаво ва мундариҷаи мавзуъ мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраҳои минтақашиносии хориҷӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва Шурои олимони факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Аз руи натиҷаи таҳқиқот маърузаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-назариявии

донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод шуда, дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд.

**Интишорот аз руи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 4 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣназариявӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 181 саҳифа мураттаб шудааст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он, объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, муқаррароти илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва илмии диссертатсия мушаххас карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон”** ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум “**Заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон (пешдаромади таърихӣ)**” бештар ба таҳлил ва таҳқиқи сатҳу самтҳои ҳамкориҳои ду халқи бо ҳам ҳамсоя ва дуст дар даврони шуравӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки таърихи дустии халқҳои тоҷику узбек басо тулонӣ буда, аз давраҳои қадим сарчашма мегирад ва марҳилаҳои басо сарнавиштсоз ва мураккабро аз сар гузаронида, то замони мо расидааст. Дар даврони шуравӣ, ки аз солҳои 20-ум то ба ибтидои солҳои 90-уми асри XX идома ёфтааст, муносибатҳои байни мардуми тоҷику узбек мутобиқи руҳияи замон сурат гирифтаанд. Ҳануз дар ибтидои даврони шуравӣ – солҳои 20-уми асри XX мардуми қаламрави Тоҷикистону Узбекистон дар иншоотҳои бузургу муҳимми хоҷагии халқ паҳлу ба паҳлуи ҳамдигар меҳнат карда, дар сохтмони ҷомеаи навбунёди шуравӣ саҳми худро гузошта буданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён” бо истинод ба муаррихони маъруф навиштаанд: “Дар таърихи пурмоҷарои қарни XX ва алалхусус даҳсолаҳои охири он, ки на танҳо марзбандии кишварҳову ҳавзаҳои геополитикӣ оҳанги нав мегиранд, балки ҳудуди тамаддунҳои собиқаву ҷадид аз нав марзбандӣ мегарданд ва миллатҳои сағиру кабир доираи фарҳангу тамаддуни хешро аз ҳисоби ғасби

тамаддунҳои бегона вусъат мебахшанд, ру овардан ба таърихи гузаштаи миллат ва аз рӯи инсофу адолат қиёс намудани он корест басо мушкил. Вале чораи бозгашт нест ва бояд ҳар лаҳза ҳаками таърихро ба доварию ҳукми одилона хонда ва ба қавли муаррихони варзидаи тамаддуни қадимаи Осиёи Миёна Б.Н. Вайнберг ва Б.Я. Стависский, «набояд ёдгориҳои меъморӣ, осори тамаддун ва фарҳангии дар марзҳои яке аз ин давлатҳо воқеъгаштаро ба таври қатъӣ моли узбекҳо ё туркманҳо донист, зеро ин ба ҳақиқати таърихӣ мухолиф аст» [22, 34].

Даврони шуравӣ марҳилаи нави робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ду халқи дусту бародар ба ҳисоб мерафт. Албатта, дар замони шуравӣ робитаҳои байниҳамдигарии ҷумҳуриҳо аз Марказ, яъне аз пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ – шаҳри Москва идора карда мешуд. Дар нақшаҳои панҷсолаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳуриҳои миллӣ ба масъалаи дустию бародарии халқҳо ва ҳамзистии осоиштаи онҳо эътибори ҷиддӣ медоданд. Халқи узбек дар хотир дорад, ки дар рузҳои фоҷиабори заминларзаи Тошканд (1968) нахустин шуда, гурӯҳҳо ва дастаҳои сохтмончиён ва бинокорони тоҷик ба мадад рафта буданд. Ҳамин гуна дар вақти заминларзаи Қайроққум дар соли 1985 рафиқони узбек аввалин шуда, бо озуқаю масолеҳи сохтмон ба ёрӣ омаданд ва дар рафъи оқибатҳои вазнини он саҳми худро гузоштанд. Солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX сохтмонҳои НБО-и Қайроққум дар Тоҷикистон, НБО-и Фарҳод дар Узбекистон, НБО-и Норак дар Тоҷикистону неругоҳҳои altovӣ дар ҳудуди Узбекистон майдонҳои бузурги бинокорӣ буданд, ки на танҳо намояндагони ду халқи бародар, балки чандин халқу миллатҳои шуравиро ба ҳам қарин гардонда буданд. Ҳамкориҳои ду чумҳурӣ баъдан дар сохтмонҳои шоҳроҳҳои калони байниминтақавию байнидавлатӣ, роҳҳои оҳан, роҳҳои ҳавоӣ, иншоотҳои саноати сабук вусъат ёфта буд. Дар солҳои барои ҳар ду кишвар душвор роҳбарияти ҷумҳуриҳо ба анъанаҳои ёрии байниҳамдигарӣ эътибори хос дода, баҳри пойдории бинои муҳташами дустӣ тамоми захира ва имкониятҳоро истифода мебурданд.

Ҳамин тавр, омӯзиши таҳлили раванди ташаккули робитаҳои мардуми тоҷик ва узбек даврони шуравӣ моро ба чунин натиҷа овард:

1. Асос ва заминаҳои асосии робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистонро робитаҳо ва дустии халқҳои тоҷику узбек ташкил медиҳанд, ки тайи ҳазорсолаҳои зиндагии муштарак ва ҳамҷаворӣ ташаккул ёфта, арзишҳо ва суннатҳои хоси худро доранд.

2. Дустиву бародарии халқҳои тоҷику узбек бахусус дар замони мавҷудият дар таркиби Иттиҳоди шуравӣ хеле таҳким ёфта, дар давоми беш аз 70 сол дар раванди бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ мазмуну мундариҷаи нав пайдо карданд.

3. Дар замони мавҷудияти ҷомеаи сотсиалистӣ халқҳои тоҷику узбек тавонистанд як силсила суннатҳои фарҳангӣ ва маънавӣ эҷод намоянд, ки онҳо имруз ҳамчун пойдори мустаҳкам дар рушди муносибатҳои гуманитариву фарҳангӣ хизмат менамоянд.

Зербоби дуюми боби аввал «**Шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI**» ном гирифтааст. Барои халқи тоҷик солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун давраи мушкилу фоҷиабор ва сарнавиштсоз ба шумор мерафт. Дар натиҷаи пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ алоқаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои аъзои Иттиҳод қатъ ёфт ва ҳодисаву руйдодҳои минбаъда боиси бухрони иқтисодиву молиявӣ дар қаламрави мамлакат гардиданд. Бухрони сиёсию иҷтимоӣ яке аз сабабҳои асосии зуҳури ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гашт. Аз оғози соҳибистиқлолӣ масъалаи низои дохилии давлати ҷавони тоҷикон бисёртар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои манфиатдори қазияи Тоҷикистон, пеш аз ҳама Россия, Эронро ба ташвиш меандохт. Аз ҷумла, Президенти собиқи Ҷумҳурии Узбекистон И. Каримов аз хавфи паҳншавии оташи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон изҳори нигаронӣ намуда, моҳи сентябри соли 1992 ба Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид муроҷиат кард. Муроҷиат ҷиҳати расонидани кумак ба Ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон дар рафъи низои дохилӣ аввалин иқдоми ҷониби Узбекистон ба ҳисоб рафта, барои ҷалби кумакҳои башардустона ба мардуми ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ҳамзамон бояд эътироф намуд, ки бо ташаббуси роҳбарияти онвақтаи Узбекистон моҳи майи соли 1992 сарварони кишварҳои ИДМ дар Тошканд ҷамъ омада, қарорҳое қабул намуданд, ки дар кори пешгирии хатари густариши низои тоҷикон нақши худро бозиданд. Аз он ҷумла, Протокол дар бораи вазъ ва мақоми гурӯҳи нозирони ҳарбӣ ва неруҳои дастаҷамъӣ бахри ҳифзи сулҳ дар ИДМ; Протокол дар бораи ҷойгиршавӣ ва фаъолияти гурӯҳи нозирони низомӣ ва неруҳои муштараки дастаҷамъӣ дар минтақаҳои низоъи байни давлатҳои иштирокчии ИДМ аз 15 майи соли 1992; Аҳднома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992.

Дар аввалин суханрониҳои худ Сарвари тозаинтихоби Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро устуворсозӣ ва таҳкими муносибатҳо бо ҳамсоякишварҳо эълон карда буданд. 19-уми ноябри соли 1992 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон бо «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» баромад карда, «...рушди минбаъдаи робитаҳои некуҳамсоягӣ ва ҳамкории гуногунҷанба бо давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама, Россия, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва дигарон» - ро чун вазифаҳои муҳимтарин эълон карда буданд.[19, 19]

Тавре ки мебинем, раванди устуворшавии робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Узбекистон ба давраи вазнини ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо иттифоқ афтод. Яке аз аввалин сафарҳои сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4-уми январи соли 1993 ба пойтахти Узбекистон сурат гирифта буд[44, 169].

Дар рафти ин сафар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон Шартномаи дустӣ, ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмӣ имзо карда шуд, ки дар муносибатҳои байни ду давлат дар роҳи барқарор намудани муносибатҳои дустона қадами устувор ба ҳисоб мерафт. Ҳамин тавр, нақши Ҷумҳурии Узбекистон дар бартараф сохтани низои тоҷикон назаррас буда, ин кишвар аз ибтидои зиддиятҳои дохилӣ ҷонибдори пойдор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Ҳамзамон, дар солҳои 90-уми асри гузашта дар робитаҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон баъзе мушкилиҳо ва ихтилофи назар дар масоили сиёсиву иқтисодӣ ба мушоҳида расиданд. Зуҳури мушкилиҳо ва нофаҳмиҳо ба сиёсати геополитикии Ҷумҳурии Узбекистон ва талошҳо баҳри устувор кардани мавқеи пешбарии худ дар минтақа алоқаманд буд. Гуфтанист, ки маҳз дар соли 1997 бори аввал дар зеҳни роҳбарияти онвақтаи Узбекистон тамоили арзёбии кишвар ҳамчун воҳиди хоси геополитикӣ ба назар мерасад. Маҳз дарки мақоми хос доштани Узбекистон дар минтақа ба роҳбарияти ин давлат даст дод, ки аз неруҳои исёнгари М. Худойбердиев, ки 9-уми ноябри соли 1998 кушиши қудратталабиро дар шимоли Тоҷикистон карда буд, дастгирӣ намояд. Тибқи изҳороти ҳукумати Тоҷикистон кушиши табаддулоти низомиву давлатӣ аз тарафи ҷонибдорони собиқ сардори бригадаи зудамал полковник Худойбердиев амалӣ мешуд[37, 630].

Тибқи маълумоти расмӣ омодагии исёнгарон дар бошишгоҳҳои махсус дар ҳудуди Афғонистон ва вилояти Ҷиззахи Узбекистон сурат мегирифт. Маҳз аз ҳудуди кишвари ҳамсоя тақрибан 1300 исёнгарон ба ҳудуди вилояти Ленинобод зада даромада, фурудгоҳи вилоятӣ, як қатор биноҳои маъмуриро

дар Хуҷанд ишғол карда, ба қисми низомии неруҳои ҳукуматӣ ҳамла карда буданд [58].

Тавре ки собиқ прокурори генералии Тоҷикистон С. Шаропов изҳор карда буд, «ҷонибдорони мусаллаҳи М. Худойбердиев бо дастгирии сарвазири собиқ А. Абдуллоҷонов тайи солҳои 1995, 1996 ва 1997 чанд маротиба кушиши исён ва бaромадҳои зиддиҳукуматӣ карда, баъди шикаст хурдан дар Узбекистон паноҳгоҳ меёфтанд» [58].

Дар ин робита дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавқеи мақомоти расмии Ҷумҳурии Узбекистон чунин баҳои возеҳу қотеона дода буданд: «фактҳо нишон медиҳанд, ки дар ин кишвар, мутаассифона, неруҳое ҳастанд, ки ба пешвогарой ва табдили кишварашон ба мамлакати соҳибқудрати ҳокими Осиёи Марказӣ талош доранд» [37,631].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи риштаҳои дустӣ ва ҳамсоягӣ бо Ҷумҳурии Узбекистон ва бо мақсади таъмини амният дар минтақа мекушид зуҳуроти номатлуби дар муносибатҳои байни ду давлат бавуҷудомадаро бо роҳҳои дипломатӣ бартараф созад. Аз ҷумла, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 июли соли 1997 дар шаҳри Бекободи Ҷумҳурии Узбекистон мулоқоти вакилони ҳукуматии ду кишвар бо роҳбарии сарвазирони кишварҳо доир гардид ва аз руи натиҷаи он қарори якҷоя ба имзо расонида шуд. Тибқи он ба роҳбарони вилоятҳо ва ноҳияҳои сарҳадӣ супориш дода шуда буд, ки шартномаро оид ба истифодаи мавзеи Узбекистон аз ҷониби Тоҷикистон ба сифати чарогоҳ омода созанд [47, 47].

Дар соли 1998 робитаҳои байни Тоҷикистону Узбекистон то андозае густариш ёфтанд ва вохуриҳои сатҳи олӣ баргузор гаштанд. Аз ҷумла, 4-уми январи соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов ба Тошканд ташрифи расмӣ анҷом доданд. Дар доираи сафар 4 созишномаи байниҳукуматӣ, дар бораи ҳисоб-баробаркунии интиқоли газ ва борҳо барои соли 1997 ва қарзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доир ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, илм, техника, иттилоот, фарҳанг ва гуманитарӣ ба имзо расиданд.

Аммо робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Узбекистон дар миёнаҳои соли 1999 бо сабаби кушиши ба ҳудуди Узбекистон гузаштани ҷангиёни Ҷунбиши исломии Узбекистон, ки дар хоки Афғонистон қарор доштанд, боз муташанниҷ гардиданд. Вазъият аз он сабаб мураккаб гардида буд, ки дар натиҷаи таъқибу фишорҳои ҳукумати Узбекистон қисмати асосии ҷонибдорон, оила ва наздикони ташкилоти ифротгарой ба минтақаи

Қаротегин паноҳ бурданд. Тибқи баъзе маълумот то охири июли соли 1999 дар маҳаллаҳои гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм тақрибан 1009 (189 оила) фирориён аз водии Фарғона паноҳгоҳ ёфта буданд [37,631].

Дар охири моҳи июли соли 1999 гурӯҳи калони ҷангиёни Ҷунбиши исломии Узбекистон, ки дар маҳалли Ҳоит роҳ ёфта буданд, кушиши тавассути ноҳияи Ботканди Қирғизистон ба хоки Узбекистон даромадан карданд. Неруҳои мусаллаҳи Узбекистон маҷбур шуданд, ки сарҳади худро бо Қирғизистон банданд ва аз неруҳои ҳавоӣ истифода баранд. Ҳангоми ин амалиёт неруҳои ҳавоии Узбекистон маҳалҳои Қаротегин ва Ғармро низ бо баҳонаи он ки дар он ҷо урдугоҳҳои ҷангиёни Узбек ҷойгир буданд, бомбаборон карданд.

Аз ин ру, мавзуи асосии гуфтушунидҳои дуҷониба коҳиши ташаннуҷ дар робитаҳои ду кишвари ҳамсоя ва баргардонидани онҳо ба маҷрои ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои судманд ба шумор мерафт. Метавон гуфт, ки дар ин раванд боздиди кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд дар моҳи апрели соли 2000-ум ҷиҳати иштирок дар вохурии сарварони давлатҳои Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон нақши муҳим бозид, ки дар рафти он Аҳдномаи амалҳои муштарак дар мубориза бо терроризм, ифротгароии сиёсӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ ба имзо расида буд. Мулоқоту гуфтушунидҳои сарони ду давлат аз майлу рағбати тарафҳо дар мавриди таҳкими раванди муносибатҳои неки ҳамсоягӣ башорат медод.

Боиси ёдоварист, ки дар ҳамоиши Душанбе як силсила санадҳои муҳим доир ба самтҳои гуногуни ҳамкориҳо, аз ҷумла, Меморандум дар бораи делимитатсияи сарҳади давлатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ва ғайра ба имзо расида буданд. Бо вуҷуди ин баъзе мушкилоти дигар дар роҳи муътадил гардондани робитаҳои байниҳамдигарӣ, аз қабили танзими робитаҳои моликиятӣ дар хатти интиқоли барқ ва базаҳои интиқолӣ, реструктуризатсияи қарзи Тоҷикистон, ифтитоҳ ва кори нуқтаҳои гумрукӣ ва марзӣ, роҳи ҳавоӣ, транзити молҳои махсус аз ҳудуди Узбекистон, интиқоли гази табиӣ ва ғайра ҳал ношуда монданд. Ҳамзамон ҳамкориҳои дутарафаи наздимарзӣ дар самтҳои иқтисод, тиҷорат ва нақлиёт ба Тоҷикистону Узбекистон шароит фароҳам оварданд, ки дар ҷануб бо вилояти Сурхондарё, дар шимол бо Самарқанд, Сирдарё, Тошканд ва Фарғона мубодилаи иқтисодӣ ва рафтуомади шаҳрвандон ба роҳ монда шаванд.

Ҳамин тавр, аз далелу рақамҳо, мазмуну моҳияти созишномаву шартномаҳои байнидавлатӣ ва дараҷаи татбиқи онҳо маълум мегардад, ки новобаста ба монеа ва мушкилоти мавҷуда дар робитаҳои сиёсии байни ду кишвар ҳамкориҳо низ дар сатҳу пояҳои гуногун ба мушоҳида мерасиданд. Ҷониби Тоҷикистон бо дурандешивуояндабинии хоси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талош бар он намуд, ки сарҳади тулонӣ бо Ҷумҳурии исломии Афғонистонро ҳифз намуда, амниятро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ ҳифз намояд ва нагузорад, ки бо ягон роҳе ё василае нафаре аз ҷангҷуён вориди саҳнаҳои сиёсии кишварҳои минтақа, аз он ҷумла, Ҷумҳурии Узбекистон гардад. Дар натиҷа ҳақиқати ҳол равшан гардида, парчами дустиву бародарӣ дубора парафшон шуд. Таърих собит кард, ки ваҳдати халқҳо калиди муваффақиятҳост[27].

Ҳамин тавр, бо назардошти авомили зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Робитаҳо ва ҳамкориҳои дустонаи халқҳои тоҷику узбек бо оғози раванди дастёбӣ ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва бунёди давлатҳои миллӣ аз имтиҳони ҷиддии таърих гузаштанд;

2. Бахусус барои миллати тоҷик, ки аллакай дар оғози солҳои 1990-ум ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, дар як вақт ҳал кардани вазифаҳои мураккаби дохилӣ ва ба роҳ мондани робитаҳои сиёсиву дипломатӣ бо кишварҳои ҳамҷавор ниҳоят душвор буд. Хушбахтона, миллати тоҷик бо туфайли сиёсати воқеъбинона ва прагматикии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар як муддати кутоҳ аз оташи ҷанги дохилӣ берун шуда, сулҳу суботро дар сарзамини хеш устувор созад ва бо давлатҳои наздику дур муносибатҳои баробар ва судманди дуҷониба ва бисёрҷониба устувор созад;

3. Дар қатори аввалин давлатҳое, ки аз оғози истиқлолияти давлатӣ ба мардуми тоҷик дасти кумаку бародарӣ дароз кард ва дар раҳоӣ аз оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва устуворшавии сулҳу субот нақши беғаразонаи худро гузошт, кишвари ҳамсояи Узбекистон ҳам буд. Роҳбарияти онвақтаи Ҷумҳурии Узбекистон бо вуҷуди душворӣ ва мураккабии вазъият, афзудани хатарҳои дохиливу берунӣ бо дарки дурусти воқеа ва равандҳои тағйирёбанда аз ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон пуштибонӣ кард ва робитаҳои дУстиву ҳамкориро устувор намуда, барои ворид шудани кишвари мо ба ҷомеаи байналхалқӣ ва равандҳои ҳамгароӣ дар минтақа мусоидат кард;

4. Ҳамзамон дар охири солҳои 1990-ум дар робитаи байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистон баъзе душвориҳо ва мушкилиҳо ба назар расиданд, ки аз сиёсат ва мавқеъгириҳои Ҷумҳурии Узбекистон дар мавриди ҷойгоҳи хоси кишвар дар минтақа ва талошҳои он барои пешвоӣ бармеомаданд. Хушбахтона, бо туфайли сиёсати воқеъбинона ва прагматикии сардори давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва силсилаи гуфтушунидҳои дуҷониба пеши роҳи сардшавии муносибатҳо то муддате гирифта шуд ва робитаи ду кишвари ҳамсоя муътадил гардид.

Боби дуюм – **“Хусусият ва вижагиҳои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар даҳсолаҳои аввали асри XXI”** аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали боб «**Вазъият ва вижагиҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI ва паёмадҳои он**» ном дорад. Тавре ки маълум аст, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24-уми сентябри соли 2002 қабул гардида буд, ҳамчун санади муҳимми муайянкунандаи сиёсати хориҷӣ мақоми давлатҳои Осиёи Марказиро дар низоми авлавиятҳои минтақавии кишвар баланд арзёбӣ намуда, зарурати рушди ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо онҳоро таъкид мекард. Ҳамчунон таъкид карда мешуд, ки Тоҷикистон ҷонибдори густариши минбаъдаи таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дустонаи халқҳои Осиёи Марказӣ буда, дар доираи сиёсати “дарҳои кушод” дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар сиёсати хориҷии хеш таваҷҷуҳи асосиро нахуст ба таҳким ва тавсеаи муносиботи ҳасана бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ – Узбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон равона намуда, робита бо ин давлатҳоро дар асоси дустӣ, эҳтирому эътимоди тарафайн, хайрхоҳӣ ва ҳамкории судманду созанда таҳкиму густариш бахшиданист. Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошта буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳалли муаммоҳои сиёсӣ бо Ҷумҳурии Узбекистон бо роҳи муколамаи сиёсӣ буда, ин роҳро  дар сатҳҳои дуҷониба ва дар чаҳорчубаи фаъолият дар созмонҳои байналхалқӣ ҳам ҷонибдорӣ менамояд. Аз ҷумла, дар рафти боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон 4-уми майи соли 2000 сарони ду давлат бисёр масъалаҳои ба муносибатҳои дуҷониба дахлдоштаро баррасӣ намуда, диққати асосиро ба бартараф кардани мушкилоту монеаҳо дар роҳи тавсеаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои бисёрҷониба дар Осиёи Марказӣ равона карда буданд. Ин ният ҳангоми сафари расмии президенти Ҷумҳурии Узбекистон И. Каримов ба кишвари мо дар  моҳи июни соли 2000 махсус таъкид карда

шуда буд. Интизорӣ мерафт, ки ин руйдодҳои муҳим ба муътадилшавӣ ва тавсеаи минбаъдаи робитаҳои ду давлат мусоидат хоҳад кард. Аммо рафти воқеаҳои минбаъда нишон доданд, ки дар робитаи ду давлат ҳоло ҳам мушкилоту монеаҳо зиёданд. Чунончи, дар рафти сафари расмиаш ба Узбекистон 27-уми декабри соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба душвориҳои мавҷуда қайд карда буд, ки «муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Узбекистон зимнан бонизом рушд мекунад, ҳарчанд як қатор муаммову мушкилоти ҳалнашуда вуҷуд доранд». Бахусус роҳбарияти кишвари ҳамсоя бо иқдомоти пешгирифтааш ба сардшавии муносибатҳо замина гузошт. Аз ҷумла, Узбекистон дар рафтуомад реҷаи раводид ҷорӣ кард, алоқаи ҳавоиашро бо Душанбе  қатъ намуд, сарҳади миёни ду ҷумҳуриро, ки хеле тулонӣ буда, аксаран мушаххас нашуда буданд, минагузорӣ кард ва ниҳоят дар соли 2010 бо қатъи содироти газу барқ ба Тоҷикистон аз низоми энергетикии Осиёи Марказӣ берун шуда, ба ҳаракати қатораҳо аз ҳудуди худ ба қисми ҷанубии Тоҷикистон – вилояти Хатлон хотима гузошт. Роҳи оҳани Амузанг, ки барои ба вилояти Хатлон кашондани маҳсулоту бор роҳи асосӣ буд, аз амалиёт бозмонд. Мушкилиҳои энергетикии Тоҷикистону Узбекистон ҷиҳатҳои дигар низ дошт. Гап дар сари он аст, ки Узбекистон кушиши истифодаи захираҳои энергетикии обии Тоҷикистонро қабул надошт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми дуюми об барои кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором дар мавзуи «Амнияти вобаста ба об ва таҳдидҳои офатҳои табиии марбут ба об» 19-уми майи соли 2013-ум дар Таиланд чунин таъкид карда буданд: «Сарватҳои ғании обӣ ва гидроэнергетикии Тоҷикистон, ки дар олам яке аз бузургтаринҳо ба шумор мераванд, дар ҳолати самаранок ба кор андохтанашон метавонанд, барои ҳамаи кишварҳои минтақа суди зиёди иҷтимоиву иқтисодӣ оваранд. Потенсиали гидроэнергетикии мамлакати мо ба 527 миллиард квт/соат мерасад ва аз ин айни замон фақат 3-4 фоизаш истифода мешаваду халос» [27].

Ба илова президенти Ҷумҳурии Узбекистон И. Каримов қатъиян ба сохтмони НОБ-и Роғун зид мебаромад. Расман ҷониби Узбекистон изҳор медошт, ки бунёди сарбанди 335 метрӣ дар минтақаи заминҷунбиҳои фаъол ғайриимкон аст. Ба андешаи баъзе сиёсатшиносон И. Каримов аз он хавф дошт, ки Тоҷикистон бо бастани ҷараёни оби дарёи Вахш фишанги неруманди фишоррасониро ба ҳамсоягони худ ба даст меорад.  Аз ҷониби дигар, монеаҳои эҷодкардаи Узбекистон ҳукумати Тоҷикистонро водор кард, ки ба рушди зерсохтори дохилии худ машғул шавад. Аз ҷумла, дар шароити

инҳисор хатти баландшиддати «Ҷануб-Шимол» сохта шуда, низоми энергетикии марказро бо вилояти Суғд пайваст кард. Роҳи оҳани нав сохта шуда, марказро бо роҳҳои ҷанубии мамлакат пайваст кард. Бештар аз 200 корхона аз гази табиӣ ба сузишвории алтернативӣ гузаронда шуда, маркази барқиву гармидиҳии «Душанбе-2» ба кор андохта шуда, баробар бо таъминоти гармӣ норасоии баркро дар зимистон коҳиш дод. Дар ин робита метавон аз панҷ самти асосии робитаҳои дуҷониба ёдовар шуд, ки бо туфайли тағйирот дар роҳбарияти кишвари ҳамсоя дигаргунии куллиро аз сар гузаронданд. Ин самтҳо пеш аз ҳама ба мушкилоти марзӣ, мушкилот дар самти нақлиёт, тиҷорат, энергетика ва сармоягузорӣ мансуб мешуданд. Ҳамин тавр, таҳлили таҳқиқи шароит ва вижагиҳои робитаи ду давлат дар ибтидои асри XXI ба натиҷаҳои зерин овард:

1. Устувор шудани сулҳу субот дар қаламрави мамлакат ва гузаштан ба марҳилаи сохтмони баъдинизоъ, ки дар ибтидои соҳои 2000-ум сурат гирифт, ба роҳбарияти давлат ва ҳукумати Тоҷикистон шароит фароҳам овард, ки ба сиёсати фаъолонаи хориҷӣ бо назардошти таҳсил ва ҳимояи манфиатҳои миллии хеш даст занад. Ва дар низоми афзалиятҳои сиёсати хориҷии мамлакат пеш аз ҳама мушаххас намудани муносибатҳо ва ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамҷавор меистоданд;

2. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани муносибатҳои муътадили дустона ва ҳамҷаворӣ бо Ҷумҳурии Узбекистон аҳаммияти хос дошт. Аз ин лиҳоз роҳбарияти кишвар як силсила икдомотеро ба кор гирифт, ки ҳадафҳои он фароҳам овардани шароит барои бартараф кардани монеаҳо дар робита бо кишвари ҳамсоя буданд.

3. Монеаҳо ва душвориҳо бештар аз мақоми яктарафаи роҳбарияти онвақтаи Узбекистон дар масоили иқтисодӣ то ба амниятӣ, аз ҷумла масоили марзӣ, нақлиёт, тиҷорат, энергетика ва сармоягузорӣ бармеомаданд. Ин омилҳо боиси сардшавии муваққати робитаҳои дар байни ду кишвари ҳамсоя дар даҳсолахои аввали асри ҳозир гардиданд. Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки ин омилҳои ба маҷрои умумии робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду кишвар дар минтақа ва дар сатҳи глобалӣ таъсири усулӣ ва стратегӣ расонда натавонистанд.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар ибтидои асри XXI (хусусият ва самтҳои рушд)»** ном дошта, далели он аст, ки бо вуҷуди пеш омадани монеаҳо ва мушкилиҳои муваққатӣ ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ ҳамчун пойгоҳи маънавии дУстиву ҳамсоягии нек арзиши худро аз даст надода буданд . Имзои Созишнома "Дар бораи ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар соҳаи фарҳанг" дар соли

1998 дар шаҳри Тошканд ба муносибати фарҳангии байни ҷумҳуриҳо такони нав дод, ки дар табодули барномаҳои фарҳангӣ ба мушоҳида расид. Моҳи майи соли 2003 бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Узбекистон ва сарпарастии ЮНЕСКО Фестивали байналмилалии “Баҳори Бойсун” баргузор гардид, ки дар он ансамбли тарона ва рақси “Баёзи куҳистон”-и ноҳияи Тоҷикобод сазовори ҷоизаи аввал ва дипломи махсус дониста шуд.

Бо ташаббус ва дастгирии ҳукуматдорони Тоҷикистон ва Узбекистон дар ин солҳо фаъолияти марказҳои фарҳангии миллатҳо ба роҳ монда шуданд. Чунончи, дар Тошканд 8-уми июни соли 1990 маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон «Ориёно» таъсис ёфта буд, ки ҳадафи он рушди фарҳанг, забон, ҳифзи урфу одатҳои миллӣ ва омӯзиши фарҳанги дигар халқҳо ба шумор мерафт. Дар шаҳрҳои Ҷиззах, Самарқанд, Намангон, шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд, вилоятҳои Фарғона ва Сурхондарё марказҳои фарҳангии тоҷикон фаъолият мебурданд. Айни замон дар вилояти Бухоро маркази тоҷику форс «Офтоби Суғдиён» созмон дода шуда, ҳафтавори «Бухорои шариф» нашр мегардад. Инчунин, бо ибтикори марказҳои фарҳангӣ рузномаи вилоятии «Овози Самарқанд», рузномаи ноҳиявии «Садои Сух» бо забони тоҷикӣ нашр мегарданд. Ба ғайр аз ин дар як қатор рузномаҳои ноҳиявӣ саҳифаҳои тоҷикӣ вуҷуд доранд. Дар маҷмУъ метавон гуфт, ки Тоҷикистон ва Узбекистон дар самти равобити фарҳангӣ ва илму маориф на дар сухан, балки дар амал шарики воқеӣ буда, ин робитаҳо ифодагари манфиат ваояндаи неки ду кишвари ҳамсоя ва бародар мебошад. Мо бояд ин робитаҳоро мунтазам ва наздик дошта бошем. Зиёиён, шоирон ва нависандагони мо бояд ёдгориҳои бойи адабию илмиро тарҷума ва паҳн намоянд, фарҳанг ва урфу одатҳои халқҳоямонро омузанд, баҳри наздик сохтани халқҳо дар заминаи арзишҳои нек ва созанда чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ доир намоянд ва дастовард ва арзишҳоеро, ки халқҳои мо тӯли асрҳо ҷамъоварӣ ва сохтаанд, ҳифз намоянд. Бо назардошти дигаргуниҳо ва омилҳои зикршуда дар раванди ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Тоҷикистону Узбекистон метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии халқҳои тоҷику узбек ҳамеша дар тамоми таърихи ҳамзистии осоиштаи онҳо ҳамчун меҳвари асосии тамоми робитаҳо баромад мекарданд ва дар даврони истиқлолият ҳам арзиш ва аҳаммияти онҳо коҳиш нашуд;

2. Дар даврони истиқлолият ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии ду кишвари ҳамсоя коста нашуда, балки моҳият, мазмун ва миқёси нав пайдо карданд. Дар ин солҳо як силсила чорабиниҳои нави фарҳангӣ аз қабили

баргузории Рузҳои фарҳангӣ, намоишномаҳо, выставкаҳо, озмунҳои гуногун, эҳёи санъату суннатҳои қадимаи мардумӣ эҳё ва намуди тоза ба худ гирифтанд.

3. Дар раванди пешравии ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ дар қатори ниҳодҳои давлатӣ унсурҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ – аз қабили ҷамъиятҳои дустӣ, марказҳо ва намояндагиҳои фарҳангии тоҷикон ва узбекҳо дар кишварҳои ҳамдигар ҳамчун нақлкунандагон ва муаррификунандагони арзишҳову суннатҳои миллӣ саҳми худро гузоштанд.

Боби сеюм **«Шароит ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Узбекистон дар қаринаи шарикии стратегӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум – «**Шароитҳо ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар»** ба раванди муътадил гаштани робитаҳои байнидавлатӣ бахшида шудааст. Тавре дар боло ишора рафт, робитаи ду давлати ҳамсоя аз моҳи сентябри соли 2016 марҳилаи сифатан навро аз сар гузаронид ва ин бесабаб набуд. Тирамоҳи соли 2016 бо ивазшавии қудрат дар Тошканд раванди муътадилшавии робитаҳои тоҷикону узбекон оғоз ёфт. Президенти тозаинтихоби Узбекистон Шавкат Мирзиёев Осиёи Миёнаро дар сархати авлавиятҳои дипломатии хеш қарор дода, эълон кард, ки нисбати Тоҷикистон сиёсати ошкоро ва прагматикӣ хоҳад бурд [60].

Дар соли 2017 ҳукумати Узбекистон Стратегияи амалро дар панҷ самти афзалиятноки рушд то соли 2021 тасдиқ кард, ки дар он вазифаи дар атрофи ҷумҳурӣ эҷод кардани камарбанди амниятӣ, субот ва ҳамсоягии нек пешниҳод мешуд [9].

Ҳалли ин вазифа эҷоди муколамаи сифатан навро бо Душанбе тақозо дошт. Моҳи марти соли 2018 боздиди давлатии Ш.Мирзиёев ба Душанбе сурат гирифт, ки онро метавон оғози дигаргуниҳои куллӣ дар робитаҳои Тоҷикистон ва Узбекистон номид. Дар анҷоми гуфтушунидҳо ҷонибҳо 27 созишномаро дар соҳаҳои иқтисодиёт, амният, илм ва фарҳанг ба имзо расонданд [61].

Моҳи августи ҳамон сол Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд боздиди ҷавобӣ кард. Президенти Узбекистон саҳми барҷастаи шахсии Президенти Тоҷикистонро дар таҳкими алоқаҳои устувори дустона бо ордени "Эл-юрт хурмати" [85] тақдир кард. Сарварони давлатҳо 26 созишнома, аз ҷумла Аҳдномаро оиди шарикии стратегӣ ба имзо расонданд [70].

Таахҳудоти калидии ҷонибҳо ба масъалаи НОБ-и Роғун ва масъалаи марзҳо бахшида шуда буданд. Тошканд расман аз муқовимати баъдина ба татбиқи лоиҳа даст кашида, ҳайати ҳукуматиро ҷиҳати иштирок дар маросими ба кор даромадани агрегати якуми неругоҳ дар моҳи ноябри соли 2018 фиристод. Ҳамзамон ҷонибҳо оиди танзими қитъаҳои марзҳои баъди фурупошии Иттиҳоди шуравӣ (192 км)-ро ба мувофиқа расонида, тартиби истифодаи садди Фарҳодро, ки дар минтақаи сарҳадӣ буд, муайян карданд [69].

Объекти мазкур моликияти Узбекистон ҳисобида шуда, замини зери он ҳудуди Тоҷикистон дониста шуд. Метавон гуфт, ки баъд аз ин робитаҳои сиёсӣ хислати мунтазамро гирифтанд. Муътадилшавии муколамаи сиёсӣ ба афзудани суръати рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ шароит фароҳам овард. Моҳи марти соли 2018 роҳбарони Тоҷикистон ва Узбекистон вазифаи афзун кардани гардиши молии ҳамдигариро то 500 миллион доллар то соли 2020 пешниҳод карданд ва ба ин хотир як силсила иқдомоте пеш гирифтанд [63].

Аз ҷумла, протседураҳои гумрукӣ соддатар карда шуданд, миқёси фаъолиятҳои намоиши выставкаҳо васеъ карда шуданд ва Созишнома оиди тиҷорати озод амалӣ гардида истодааст[7]. Тошканд ба хотири рУйпуш кардани хароҷоти корхонаҳои тоҷик ба содироти молҳои Узбек хатти қарздиҳӣ ба андозаи 100 миллион доллар чудо кард [8].

Дар натиҷа тиҷорати байни ду кишвар аз 70 миллион доллари соли 2016 то 362 миллион доллари 2019 афзуд. Узбекистон ба қатори панҷ шарики тиҷоратии Тоҷикистон бо саҳмияи 8% дохил шуд, ҳарчанд ки дар ҳаҷми гардиши миллии Узбекистон саҳми Тоҷикистон камтар аз 1%-ро ташкил медод.

Байни ҳар ду кишвар як навъ тавозуни паритетии тиҷоратӣ устувор шуд: содироти Тоҷикистон (алюминий, семент) аз руйи нарх тақрибан ба содирот аз Узбекистон баробар аст, аммо содироти Узбекистон маҳсулоти сатҳи баландтари коркард (нассоҷӣ, нуриҳои минералӣ, ашёи пластикӣ, метал, таҷҳизот, автомобил)-ро ташкил медиҳад. Дар тиҷорати байниҳамдигарӣ мубодилаи захираҳои энергетикӣ мақоми муҳим дорад. Дар соли 2018 Тошканд алоқаи маҷмуи шабакаи электрикии Тоҷикистонро бо низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки аз соли 2009 қатъ шуда буд, барқарор кард. Ин амал ба Тоҷикистон имкон дод, ки содироти барқро ба Узбекистон дар мавсими тобистон ба роҳ монад. Дар соли 2019 Тоҷикистон ба Узбекистон 1,4 млрд кВт/ соат неруи барқро ба маблағи 28,5

млн долл. накд намуд ва дар дурнамо ин шумораро ба 5 млрд. кВт/ соат расониданист [71].

Ба ин хотир, Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Бонки осиёии рушд (35 миллион доллар) зерсохтори шабакавиро модернизатсия карда истодааст. Дар навбати худ Тошканд фуруши гази табииро ба Тоҷикистон, ки дар соли 2012 қатъ шуда буд, эҳё намуд. Дар соли 2019 Тоҷикистон 140 млн куб. м гази узбекро (ба маблағи 17,7 млн долл.) харидорӣ намуд [84]. Барои иқтисодиёти Тоҷикистон гази Узбекистон аҳаммияти стратегӣ дорад, зеро имкон медиҳад, ки як силсила корхонаҳои истеҳсолӣ ба кор андохта шаванд.

Тоҷикистон ва Узбекистон ҳамкориро дар соҳаи нақлиёт, ки муддати мадиде дар робитаи байни онҳо проблемавӣ буд, фаъол гардонданд. Аз ҷумла, ҷонибҳо тарифҳоро паст карда, қоидаҳои интиқоли фаромарзии молҳо ва мусофиронро бо нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан сабуктар гардонида, хатҳои ҳавоӣ ва заминиро, ки солҳои 90-ум қатъ шуда буданд, ба кор андохтанд. Беш аз 17 нуқтаҳои назоратӣ-гузаргоҳиро кушоданд [86].

Ҷумҳурии Узбекистон қитъаи роҳи оҳани Ғалаба-Амузангро дар сарҳади вилоятҳои Сурхондарё ва вилояти Хатлон, ки соли 2011 бардошта шуда буд, барқарор кард. Ин омилҳо барои Тоҷикистон, ки аз транзити борҳо тавассути ҳудуди Узбекистон вобаста буд, саривақтӣ ва муҳим буда, имконият доданд, ки хароҷотҳои нақлиётӣ ва арзиши маҷмуии содирот коҳиш дода шуда, ба таҳарруки мардум ва фаъолнокии кории онҳо мусоидат кард.

Дар натиҷаи саъю талош ва иқдомҳои наҷиби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар самти эҳёи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ҳусну тафоҳуми ҳамҷаворӣ, дустиву бародарӣ аз нав ба маҷрои аввалаи хеш баргашта тамоми мардуми ин ду кишварро руҳбаланд намуд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки маҳз сиёсати оқилона, хирадмандона ва дурандешона, иродаи неки сарварони аввали сиёсии ду кишвар – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев муносибат ва равобити дустонаву бародаронаи халқҳои тоҷику узбекро ба маҷрои солиму созанда равона сохта, ба танзими муносибатҳои мутақобилан судманд ба манфиати мардумони ҳарду кишвар заминаи устувор гузошт.

Ҳамин тавр, таҳлилу баррасиҳои анҷомёфта моро ба хулосаҳои зерин овард:

1. Муътадил шудани робитаҳои ду кишвар бо туфайли талошҳо ва сиёсати воқеъбинона ва прагматикии Сарварони ду давлат – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев имконпазир гардид;

2. Омили муҳимми муътадил гардондани робитаҳои дуҷониба эътирофи мавҷудияти монеаҳо ва мушкилиҳо ва омодагӣ барои рафъи онҳо мебошад;

3. Монеаҳо ва мушкилиҳои дуҷониба марҳила ба марҳила, пайгирона бартараф карда шуда, барои тавсеаи ҳамкориҳои минбаъда шароити муосид фароҳам оварданд. Аз он ҷумла, бартараф шудани душвориҳо, ҳал шудани масоили марзӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ-коммуникатсионӣ имкон дод, ки робитаҳои ду кишвар ба сатҳи баландтар – ба сатҳи шарикии стратегӣ бароварда шаванд;

4. Муътадил шудани робитаҳои дуҷониба ва устувор шудани шарикии стратегӣ мавқеи ду кишварро дар раванди ҳамгироии минтақавӣ мустаҳкам кард ва имиҷи байналхалқии онҳоро боло бурд;

Зербоби дуюм «**Афзалиятҳо ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон»** ном дошта, таҳлилу пешниҳодҳо дар асоси омӯзиш ва бо назардошти тағйироти мусбӣ дар робитаҳои ду кишвари ҳамсоя тайи солҳои охир ва зарурияти истифодаи зарфияти бузурги мавҷуда анҷом дода шудааст. Ҳамкориҳои минбаъда ҷиҳати ташаккули тарофаҳои рақобатпазир барои интиқоли борҳои тиҷоратии беруна бо иштироки роҳҳои оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон имкони таъмини боркашонии самарабахшро тавассути долонҳои нақлиётии амалкунанда фароҳам меоранд. Хусусияти афзалиятноки ҳамкориҳоро дар соҳаи фарҳангию гуманитарӣ, рушди робитаҳои мустақим ва табодули таҷриба байни муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, воситаҳои ахбори омма, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва варзишӣ, ташкилотҳои ҷавонон ва бонувон, иттифоқҳои касаба ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъкид намудан зарур мебошад. Барои соҳибкорони тоҷику узбек вазъияти муносиби ба амал омада имкон фароҳам овардааст, ки тиҷорат дар тамоми самтҳои фаъолият ҷаҳиши ҷиддӣ кунад. Баробари ин ҳамкории соҳибкорони ҳар ду ҷумҳурӣ дар самти истеҳсолӣ низ вусъат гирифта, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Узбекистон коргоҳу корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва бинокорӣ арзи ҳастӣ намуда истодаанд, ки дар рушди кишварҳо саҳми калон мегузоранд. Тамоми самтҳои ҳамкорӣ, ки ба густариши дустӣ, ривоҷи дипломатияи мардумӣ ва робитаҳои фарҳангӣ алоқаманданд, дар бандҳои ёддошти тафоҳум сабт гардидаанд. Тибқи он тарафҳо ҳамкориро дар соҳаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ, илмӣ

ва иттилоотӣ тибқи қонунгузориҳои давлатҳои худ ва дар асоси баробарӣ, эҳтироми тарафайн ва манфиати ҳамдигар ба роҳ мемонанд.

Бо ташаббус ва ибтикори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва президенти Узбекистон Шавкат Мирзиёев муяссар шуд, ки робитаҳои дуҷонибаи кишварҳоро аз нав эҳё созанд, ки ин омил воқеан ба ҷойгиршавии неруҳо дар Осиёи Марказӣ  таъсир мерасонад. Аксари коршиносон бар он ақидаанд, ки ин ҳодисаи бузурги таърихӣ ва хеле пурмаҳсул дар муносибатҳои дуҷониба мебошад. Ҳамин тавр, бо назардошти омилҳои зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Муътадил шудани робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ба сатҳи шарикии стратегӣ баромадани онҳо дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистонро дар дар даҳсолаҳои наздик муайян кардаанд;

2. Имруз ҳамкориҳои ду давлат натанҳо дар сатҳи дуҷониба, балки дар сатҳи бисёрҷониба, дар чаҳорчубаи ниҳодҳои ҳамгарой – ИДМ, СҲШ, СҲИ мазмуну мундариҷа ва миқёси нав пайдо кардаанд, ки дар миёни онҳо пеш аз ҳама масъалаи амният, тавсеаи ҳамгарой дар соҳаҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ ба мақоми аввал баромадаанд;

3. Ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсояро дурнамои хеле хубе дар самтҳои кишоварзӣ, саноати сабук, энергетика, нақлиёт, технологияи иноватсионӣ интизор аст;

4. Ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва ташкили муқовимати муштарак бар зидди таҳдидҳои имрузаи глобалӣ – терроризм, ифротгарой, қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ба мақоми аввал баромада, ҳамкории зич ва ҳамоҳанг сохтани фаъолият ва амали сохторҳои қудратӣ ва амниятии ду кишварро тақозо дорад.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастомада, тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оварда шудаанд.

## ХУЛОЛСА

Таҳлили муносибатҳои маҷмуӣ ва фарогири  Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ  нишон медиҳад, ки ду кишвар давраи гуногуни сатҳи муносибатҳҳоро паси сар карданд ва беҳтар шудани муносибатҳои байнидавлатӣ ба нафъи ҳарду давлат мебошанд,  зеро  онро манфиатҳои миллии тарафайн тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, бо назардошти омилҳои зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Ба муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Узбекистон, ки бар асоси робитаҳои чандинасраи таърихӣ ва маънавии ду халқи бародар ташаккул ёфтаанд, сатҳи баланди эътимоди мутақобил, дустии самимӣ ва ёрии ҳамдигарӣ хос мебошад. Дӯстиву ҳамкориҳои Тоҷикистону Узбекистон заминаи бойи таърихиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дошта, тайи асрҳои зиёде шакл гирифтаанд ва дар даврони истиқлолият барои инкишофу тавсеаи ҳамкориҳои миқёсан васеъ ва мазмунан бой ҳамчун таҳкурсии боэътимод хизмат карда меоянд.

2. Дӯстиву бародарии халқҳои тоҷику узбек бахусус дар замони зиндагии муштарак дар таркиби Иттиҳоди шуравӣ хеле таҳким ёфта дар давоми беш аз 70 сол дар раванди бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ мазмуну мундариҷаи нав пайдо карданд. Тайи мавҷудияти ҷомеаи сотсиалистӣ халқҳои тоҷику узбек тавонистанд як силсила арзишҳо ва суннатҳои фарҳангӣ ва маънавӣ эҷод намоянд, ки онҳо имруз ҳам чун таҳкурсии пойдори мустаҳкам дар рушди муносибатҳои гуманитариву фарҳангӣ хизмат менамоянд. Ин навъ бародариву рафоқатро мо дар мисоли рафъи заминларзаи шадиди соли 1968-ум дар шаҳри Тошканд рухдода, заминларзаи соли 1985-ум дар Қайроққум баамаломада, пешгирии хатари паҳн шудани ҷанги шаҳрвандии соли 1992-юм дар Тоҷикистон сарзада дар минтақа, бартараф намудани оқибатҳои садамаи обанбори «Сардоба»-и Ҷумҳурии Узбекистон дар соли 2020-ум ва даҳҳо ҳодисаву имтиҳони тақдир ба мушоҳида гирифта метавонем.

3. Робитаҳо ва ҳамкориҳои дустонаи халқҳои тоҷику узбек бо оғози раванди дастёбӣ ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва бунёди давлатҳои миллӣ аз имтиҳони ҷиддии таърих гузаштанд. Бахусус барои миллати тоҷик, ки аллакай дар оғози солҳои 1990-ум ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, дар як вақт ҳал кардани вазифаҳои мураккаби дохилӣ ва ба роҳ мондани робитаҳои сиёсиву диплмоатӣ бо кишварҳои ҳамҷавор ниҳоят душвор буд. Хушбахтона, миллати тоҷик бо туфайли сиёсати хирадмандонаи воқеъбинона ва прагматикии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар як муддати кутоҳ аз оташи ҷанги дохилӣ берун шуда, сулҳу суботро дар сарзамини хеш устувор созад ва бо давлатҳои наздику дур муносибатҳои баробар ва судманди дуҷониба ва бисёрҷониба устувор созад.

4. Дар қатори аввалин давлатҳое, ки аз оғози истиқлолияти давлатӣ ба мардуми тоҷик дасти кумаку бародарӣ дароз кард ва дар раҳои аз оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва устуворшавии сулҳу субот нақши беғаразонаи худро гузошт, кишвари ҳамсояи Узбекистон ҳам буд. Роҳбарияти онвақтаи

Ҷумҳурии Узбекистон бо вуҷуди душвориҳо ва мураккабии вазъият, афзудани хатару таҳдидҳои дохиливу берунӣ бо дарки дурусти воқеаҳо ва равандҳои зуд-зуд тағйирёбанда аз ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон пуштибонӣ кард ва бо он робитаҳои дустиву ҳамкориро устувор намуда, барои ворид шудани кишвари мо ба ҷомеаи байналхалқӣ ва равандҳои ҳамгароӣ дар минтақа мусоидат кард.

5. Ҳамзамон дар охирҳои солҳои 1990 –ум дар робитаи байни Тоҷикистон ва Узбекистон баъзе душвориҳо ва мушкилиҳо ба назар расиданд, ки аз сиёсат ва мавқеъгириҳои Ҷумҳурии Узбекистон дар мавриди ҷойгоҳи хоси кишвар дар минтақа ва талошҳои он барои пешвоӣ бармеомаданд. Хушбахтона, бо туфайли сиёсати воқеъбинона ва прагматикии сардори давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва силсилаи гуфтушунидҳои дуҷониба пеши роҳи сардшавии муносибатҳо то муддате гирифта шуд ва робитаи ду кишвари ҳамсоя муътадил гардид.

6. Мушкилот ва душвориҳое, ки дар ибтидои аср байни ду кишвар ва дар робитаву ҳамкориҳои онҳо ба баъзе нофаҳмоиҳо андохтанд, ба туфайли сиёсати прагматикӣ ва хирадмандонаи роҳбарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев тайи солҳои охир бомуваффақият бартараф карда шуда, афзалият ва самтҳои нави ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба тарҳрезӣ ва амалӣ шуда истодаанд. Бо талошу кушишҳо ва сиёсату мавқеъгириҳои Роҳбарони Тоҷикистон ва Узбекистон дар робита ва раванди ҳамкориҳои ду давлати ҳамсоя шароиту заминаҳои нави ҳамкориҳо дар сатҳи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии устувор фароҳам омаданд ва имконияти тавсеаи онҳо пеш омад.

7. Имруз ҳамкориҳои ду давлат на танҳо дар сатҳи дуҷониба, балки дар сатҳи бисёрҷониба, дар чаҳорчубаи ниҳодҳои ҳамгароӣ ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам минтақавӣ шуруъ аз СММ то ба ИДМ, СҲШ, СҲИ мазмуну мундариҷа, сифат ва миқёси нав пайдо кардаанд. Метавон гуфт, ки муътадил гардидани муносибатҳои байнидавлатӣ Тоҷикистон ва Узбекистонро ба муҳаррикони раванди ҳамгароӣ табдил дод, ки бо ташаббусва талошҳои онҳо раванди ҳалли мушкилоти байниҳамдигарии кишварҳои минтақа маҷрои воқеӣ ва умедбахш пайдо кард ва ниҳоди нави ҳамгароиро ба унвони Маҷлиси машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказиро ташаккул дод.

8. Сатҳи баланди боварӣ ва эътимод дар байни ду кишвари шарик ва ҳампаймон инъиқоди аҳдномаҳои дуҷониба [2] оид ба шарикии стратегӣ ва робитаҳои иттифоқӣ [3] буда, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо заминаҳои устувори ҳуқуқиву меъёриро фароҳам овардаанд. Дар ҳоли ҳозир байни

сохторҳои мухталифи давлативу ғайридавлатии ду кишвар беш аз 200 созишномаву шартномаҳо ба имзо расидаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо дар тавсеа ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат намуда истодаанд.

9. Робитаҳои муваффақонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба шаклгирии фазои нав ва устувори ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намуданд. Дар ин робита, идома додани раванди баргузории ҳарсолаи мулоқотҳои машваратии сарварони давлатҳо ва машваратҳои ниҳодҳои сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳҳои гуногун аҳамияти хос касб кардааст.

Силсилаи вохуриҳои мазкур бори аввал дар соли 2017 бо ташаббуси президенти тозаинтихоби Узбакистон Ш. М. Мирзиёев оғоз ёфтанд, ки ӯ метавон гуфт, сиёсати хориҷии кишварашро аз инзивои якҷониба ба самти ошкорбаёнии бештар тағйир дод. Бо афзудани талошҳои Узбекистон барои ба эътидол овардани равобит бо ҳамсоягонаш имкони эҳёи чунин мулоқотҳо фароҳам омад. Дар натиҷа, аз соли 2018 инҷониб онҳо пайваста дар маконҳои кишварҳои мухталифи Осиёи Марказӣ баргузор мешаванд. Азсаргирии мулоқотҳо дар доираи раҳбарони Осиёи Марказӣ на танҳо як ҷанбаи нави сиёсати хориҷии онҳо, балки идомаи стратегияи мувозинат байни марказҳои қудрат, ки барои давлатҳои хурди минтақа анъанавӣ аст, ба шумор меравад. Аз ҷумла, 14 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе мулоқоти панҷуми президентҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардида буд.

10. Ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷоративу иқтисодӣ самти муҳимтарини муносибатҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон ва Узбекистон мебошад. Тибқи изҳороти сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбекистон А. Раҳмонзода тайи солҳои охири шарикии стартегӣ ва ҳамҷаворӣ (солҳои 2018 – 2022) дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳамкориҳо вусъат ёфта, дар муносибатҳои дуҷониба комёбиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Махсусан, дар самти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ҳамкориҳо ба маротиб густариш ёфта, байни корхонаву муассисаҳо ва марказҳои савдову тиҷоратии ду кишвар гардиши молу маҳсулот ба маротиб боло рафтааст. Агар дар соли 2018 гардиши савдои молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Узбекистон 287 млн доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас, ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 362 млн доллар ва дар соли 2020 бо дарназардошти мушкилоти вабои COVID–19 ба 333,8 млн доллари ИМА баробар гаштааст. Ҳамзамон дар соли 2021 гардиши тиҷорати мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон

447, 8 миллион доллари амрикоиро ташкил дода буд, ки нисбат ба соли 2020 114 миллион доллар ё худ 34,2 % зиёд буд. [193]

11. Дар пешбурди раванди ҳалли босамари мушкилоти сарҳадии байни ду давлат инъиқоди Шартнома дар бораи қитъаҳои алоҳидаи Сарҳадии давлатии Тоҷикистон ва Узбекистон, ки дар таърихи 9-уми марти соли 2018 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида буд, аҳамияти калон дошт.

12. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз замони муътадил гардидани робитаҳои байнидавлатӣ пайваста изҳор мекунанд, ки ҷонибдори истифодаи оқилона ва судманди маҷмуи захираҳои обиву энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд. Дар ин маврид баста шудани як силсила лоиҳаҳои муштараки гидроэнергетикӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди минбаъдаи ҳамкориҳои энергетикии ду кишвар заминаи боэътимод фароҳам хоҳад овард. 2 июни соли 2022 дар рузҳои сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони неругоҳи барқии оби Зарафшон ҳусни оғоз бахшида шуд. Объекти мазкур нахустин лоиҳаи бузурги ҳамкориҳои дуҷониба дар самти энергетика мебошад. Лоиҳа аз ҷониби ниҳодҳои бузурги байналмилалӣ, аз қабили Ширкати байналмилалии молиявӣ, Бонки осиёии рушд ва Бонки аврупоии таҷаддуд ва рушд маблағгузорӣ карда мешавад. Инъиқоди созишнома ҷиҳати харидории энергияи барқи содиркардаи неругоҳи барқи оби Роғун ба рушди ҳамкориҳои ду давлат ва кори босамари шабакаҳои барқӣ шароити мусоид фароҳам меорад. ҶСК «Шабакаҳои миллии барқи Узбекистон» бо мақсади нигоҳ доштани тавозуни захираҳои энергетикӣ ва об, таъмини устувори неруи барқи истеъмолкунандагон дар якҷоягӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи сармоягузории «Таҷдиди хатти интиқоли барқи 500 квт Гузар-Регар (Л-507) дар Ҷумҳурии Узбекистон»-ро амалӣ намуд. Дар доираи лоиҳа дар ҳудуди Ҷумҳурии Узбекистон қитъаи 64-километрии хати интиқоли барқи 500 квт Гузар-Регар (Л-507) таҷдид карда шуд. Лоиҳа дар асоси протоколи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон амалӣ гардид. Татбиқи лоиҳа эътимоднокии таъмини неруи барқро ҳангоми кори параллели системаҳои энергетикии Узбекистон ва Тоҷикистон таъмин хоҳад кард. Ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ шаҳодати ба сатҳи нав баромадани ҳамкориҳои энергетикии Тоҷикистону Узбекистон ва дигар ҷумҳуриҳои минтақа хоҳад буд.

13. Рамзи воқеии таҳкими дустӣ ва ҷонибдории ҳамдигарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии якдигар  ба роҳ андохтани раванди сохтмони силсилаи иншоотҳои иҷтимоӣ  дар қаламрави ҳар ду давлат мебошад.  Намунаи воқеии ин гуфтаҳо ба истифода додани маҷмааи тиббӣ дар таърихи 10 – уми июни соли 2021 дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо саҳмияи Узбекистон ва сохтмони мактаби таҳсилоти умумӣ дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон , ки аз ҷониби Тоҷикистон сохта шуда буд, ба шумор меравад. Бо дар назардоштаи қаробати фарҳангӣ ва муштаракоти фарҳангии халқҳои тоҷику узбек, гуфтариши минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳангиву гуманитарӣ, муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди матбуоти даврӣ ва нашри китобу маҷаллаҳо ва рузномаҳо бо забонҳои тоҷикиву узбекӣ, тақвияти рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, варзиш, сайёҳӣ, ҷавонон, тавсеаи табодули дустона миёни намояндагони воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои илмӣ- тадқиқотӣ, ҷамъиятҳои дустӣ, гуруҳҳои эҷодиву бадеӣ ва театрҳои ҳар ду мамлакат ба мақсад мувофиқ мебошад.

14. Дар қаринаи устуворшавӣ ва тавсеаёбии шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (аз соли 2018) мустаҳкам кардани ҳамкориҳо ва амалҳои муштарак дар масъалаҳои таъмини амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳои калидӣ дар сиёсати хориҷии ҳар ду давлат ба ҳисоб меравад.  Эътироф бояд кард, ки мушкилоти марбут ба терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва тундгароии диниву мазҳабӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва ҷиноятҳои киберӣ –иттиллотӣ  имруз ҳам тезутунд ва низоъбор боқӣ мондаанд. Дар ин робита амалҳои муштарак ва ҳамоҳангсозӣ дар байни сохторҳо ва хадамоти махсус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои амниятиву мудофиавӣ идома ва тақвият дода мешаванд. Ба вижа дар масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз талошҳои Ҷумҳурии Узбекистон ҷиҳати ташвиқ ва тавсеаи мколамаи байниафғонӣ дар абзори Тошканд дастгирӣ мекард.  Аз ҷумла, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рафти вохурии дуюми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ноябри соли 2019  мавқеи сарвари давлати ҳамсояро ҷонибдорӣ намуда, изҳор дошта буд, устуворшавии сулҳу оромӣ дар Афғонистон  шароити ниҳоят муҳимми таъмини амнияту субот дар минтақа мебошад.

Ҳамзамон, роҳбарияти Ҷумҳурии Узбекистон ба натиҷаҳои ҷаласаи вазирони корҳои хориҷӣ дар чаҳорчубаи “Қалби Осиёи – раванди Истанбул”, ки рузҳои 29-30 марти соли 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, ва ҳамчуцнин иқдоми Тоҷикистон ҷиҳати баргузор намудани ҷаласаи навбатии Гуруҳи тамоси “Созмони ҳамкории Шанхай - Афғонистон” дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ дар шаҳри Душанбе рузҳои 13-14 – уми июли соли 2021 баҳои баланд дода буд.

15. Намунаи ҳамкориҳои муваффақ ва босамари робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Узбекистон ин ҷонибдорӣ, ҳамрайъва дастгирии мунтазами ҳамдигарӣ дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад. Тавре ки бармеояд, иқдомоти фаъолонаи Тоҷикистон дар самти байналмилалӣ ба қабули 7 қатъномаи Маҷмаъи умумии СММ муосидат карда буд. Аз ҷумла соли 2003 эълон шудани “Соли байналмилалии оби тоза”, Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” (2005 - 2015), соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”. Қобили ёдоварист, ки Ҷумҳурии Узбекистон дар сатҳи глобалӣ ба ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти об баҳои баланд дода аз қабули қатъномаи Маҷмаъи умумии Созмони Милали Муттаҳид “Конференсияи СММ оид ба бознигарии Ҳадафҳои миёнамуҳлати фарогири Даҳсолаи байналмилалии амал - “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018 - 2028” – ро истиқбол ва ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон намудани соли 2025 ва тасъси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо ҷонибдорӣ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чумлаи ҳаммуаллифони қтаъномаи Маҷмаъи умумии СММ “Таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ” (2018), “Маориф ва таҳаммулпазирии динӣ” (2019), “Сайёҳии устувор ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ” (2019) ва “Минтақаи назди Арал – минтақаи технология ва навовариҳои экологӣ” (2021) мебошад, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Узбекистон қабул карда шуда буданд.

Қобили ёдоварист, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар чаҳорчубаи Бунёди байналмилалии наҷоти баҳри Арал, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, мудирияти об ва экологияи ҳавзаи баҳри Арал ва танзим ва ҳамоҳанг сохтани мавкеъҳо ва сиёсатҳои давлатҳои минтақа дар ин самт нақши калон дорад, муҳиммияти хос касб кардааст. Ҳамчунин ҳамкориҳои зичи ду кишварро дар чаҳорчубаи СММ, ИДМ, СҲШ,

СҲИ, САҲА, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ ва эътимод дар Осиё ва дигар созмону ниҳодҳо ва анҷуманҳои байналмилалӣ пешомади хуб дар пеш аст. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номзадии Ҷумҳурии Узбекистон ҷиҳати интихоб шудан дар Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони милали муттаҳид барои солҳои 2025- 2027 ва узвият дар Кумитаи ҳуқуқи башари Сомзони миллали муттаҳид барои солҳои 2025-2028 пуштибонӣ ва инчунин Ҷумҳурии Узбекистон номзадии Тоҷикистонро барои интихоб шудан ва узвияти ғайридоимии Шурои Амнияти Созмони милали муттаҳид барои солҳои 2028 – 2029 дастгирӣ кардаанд. Гуфтанист, ки дар замони афзуншавии раванди ҷаҳонишавии муносибатҳо, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳури Узбекистон аз ин раванди фарогир дар канор буда наметавонанд, дар баробари пешомадҳои ғайричашмдошт уфуқҳои тозаи ҳамкориҳо равшан мегарданд ва шароитҳои воқеии нав ба миён меоянд. Дар ин замина, таҷрибаи андухтаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди фарогири ду кишвари ҳамсоя ва ҳамёр мазмуни амиқ касб мекунад ва пайёмадҳои хуберо ба бор хоҳад овард.

16. Дастгирии ҳамдигарӣ ва ҳамоҳангсозии зич дар пешбурди муштараки ташаббусҳо, талошҳои роҳбарои ҳар ду давлат ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои судманд дар сатҳҳои дуҷониба ва минтақавӣ яке аз омилҳои аслии рушди босубот дар Осиёи Марказӣ гардидаанд. Иқдомоҳои фаъолонаи Тоҷикистон дар ин ҷода барои минтақа муҳим буда, ҷавобуги манфиатҳои Узбекистон ҳам мебошад. Аз ин нигоҳ, дар чаҳорчубаи мулоқотҳо дар сатҳи баланд сарварони ду давлат баргузории форуми байналмилалии байналхалқии Осиёи Марказӣ (Тошканд, 5-8 июни соли 2018) ва Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018 - 2028 " (Душанбе, 202- 22 июни соли 2018) – ро истиқбол намуданд. Ҳамкориҳои конструктивии Тоҷикистон ва Узбекистон дар соҳаи обу энергетика, экология ва ҳифзи муҳити зист намунаи боризи зуҳури эҳтиром гузоштан ба мавқеъҳои якдигар ва ба назар гирифтани манфиатҳои қонунии ҳар ду давлат мебошад.

17. Ҳамкории Тоҷикистон ва Узбекистон дар соҳаи таъмини амнияти минтақавӣ ва ташкили муқовимати муштарак бар зидди таҳдидҳои имрузаи глобалӣ – терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ ба мақоми аввал баромада ҳамкории зич ва ҳамоҳанг сохтани фаъолият ва амали сохторҳои қудратӣ ва амниятии ду кишварро тақозо дорад. Аз ин нигоҳ, Тоҷикистон ва Узбекистон дар ҷабҳаи муцбориза бо терроризм ва

ифротгароӣ мавқеъ ва сиёсати ҳамдигарро ҷонибдорӣ мекунанд ва як силсила эъломияҳо ва созишномаҳои байналмхалқиро ҷиҳати муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм имзо кардаанд. Аз ҷумла, дар соли 2006 кишварҳои мо Стратегияи глобалии зиддитеррористиро, ки Маҷмаъи умумии СММ қабул карда буд, ва ҳуҷҷати нодири фаъолгардонӣ ва тасбити иқдомоти миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ дар мубориза бо зуҳуротҳои гуногуни терроризм ба шумор меравад, ҷонибдорӣ карданд. Яке аз самтҳои пешомаддори ҳамкориҳои амнияти ду давлат ҳамоҳангсозии мавқеъҳо ва иқдомот дар самти мубориза бо таҳдидҳои ғайрисуннатӣ, пеш аз ҳама таъмини амнияти иттилоотӣ – технологӣ ба шумор меравад. Тавре ки бармеояд, трансформатсияи терроризм ва истифодаи дастовардҳои технологияи иттилоотии иртиботӣ аз ҷониби созмонҳои ифротгаро ва террористӣ, яъне воридшавии онҳо ба фазои маҷозӣ, таҳдиду хатарҳоро сифатан тағйир доданд. Дар нишасти СҲШ дар моҳи декабри соли 2020 президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Ш. Мирзиёев аз болоравии нақши технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷалб ва тундравшавии ҷавонон, таъминоти молиявии террористон изҳори нигаронӣ карда зарурияти таҳияи механизмҳои нави ҳамкориҳоро дар ин ҷода таъкид карда буд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин нишаст баромад карда, изҳор дошта буд, ки муқовимат ба паҳншавии мафкураҳои тундравона, бахусус дар байни ҷавонон, истифодаи технологияҳои нав, аз ҷумла захираҳои интернетӣ ба мақсадҳои ҷинояткорона кушишҳои дастаҷамъонаро тақозо дорад. Дар ин робита фаъолгардонии ҳамкориҳои амалии Тоҷикистону Узбекистон дар мубориза бо таҳдидҳои киберамниятӣ, ҳамкориҳо дар масъалаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳа мубрам гардидааст. Ба ҳамин наҳв, ҳамкориҳои фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ҷиҳати муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир ва таҳкими амният ва суботи минтақа нигаронида шудааст. Дар ин замина, ҳамкориҳои зич ва фарогири Тоҷикистьону Узбекистон ба фазои сиёсиву иқтисодии Осиёи Марказӣ таъсири мусбӣ расонда, кафолати рушди устувор, рифоҳ ва шукуфоии халқҳои минтақа мегардад. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки бо шарофати иродаи бузурги сиёсӣ ва хиради мубтанӣ бар усули инсонгароии роҳбарони сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев равобити дустонаи байни ду давлати бародар ангезаи ҷадиде ёфт ва ворисони таърихи бошукуҳи ду миллат тамоми ирода ва ақли худро ба ҳамзистии дустонаи пойдор ва абадӣ равона хоҳанд кард.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Узбекистонро бо ҳам риштаҳои зиёди таърихиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ мепайвандад ва дар даврони соҳибистиқлолӣ сатҳҳо ва механизмҳои сифатан нави муносибату ҳамкориҳо ин қаробату алоқамандиҳоро бори дигар собит сохт. Зимнан бояд зикр кард, ки бо дарёфти роҳу механизмҳои нави ҳамкориҳо, пешниҳоди имкониятҳое, ки манфиатҳои ҳар ду кишварро таъмин ва ҳифз менамояд ва татбиқи лоиҳаҳои нави дуҷониба ва чандҷониба дар чаҳорчубаи шарикии стратегӣ мазмуну мундариҷаи нав хоҳад пайдо кард:

- Фароҳам сохтани шароити тавсеаи ҳамаҷонибаи муносибатҳои байнидавлатӣ;

- Рафъи мушкилот ва монеаҳо бо дарёфти усулу равишҳои нави ҳамкорӣ;

- Тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, энергетика, саноати сабук, кишоварзӣ бо дарназардошти захираҳо ва зарфиятҳои мавҷудаи ҳар ду давлат;

- Рушди ҳамкориҳои гуманитарӣ, тавсеаи робитаҳои байни муассисиаҳои фарҳангӣ, илмӣ, варзишӣ ва сайёҳӣ;

- Таҳкими ҳамкориҳои байни ниҳодҳои қудратӣ дар роҳи ташкили муқовимати муштарак бо терроризм, ифротгароӣ ва гаравиши ҷавонон ба майлону мафкураҳои бегонаи диниву мазҳабӣ;

- Густариши фаъолияти ҷамъиятҳои дустӣ ва тарғибу ташвиқи идеяҳои ҳамзистии осоишта, некуҳамсоягӣ ва эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқии якдигар.

Ҳамоҳанг сохтани мавқеъ ва иқдомоти сиёсати хориҷӣ дар роҳи вусъати раванди ҳамгароӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва тақвияти фаъолияти ниҳодҳои нави ҳамгароӣ.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М] Мамадқулова, Р.О.** Бардоштҳои суннатӣ ва навгаро дар таҳлили сиёсати хориҷии Тоҷикистон" [Матн] / Р.О. Мамадқулова // Ахбори ДДҲБСТ, №4 (77) 2018. – С.126-133

**[2-М] Мамадқулова Р.О.**Ташаккулёбии ҳамкории илмию мадании Тоҷикистон дар асрҳои XI-XV [Матн] / Р.О. Мамадқулова //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Душанбе, 2020. -№2 (85), – С. 265 – 269

**[3-М] Мамадқулова, Р.О.** Аз таърихи робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодии Точикистон ва Узбекистон дар солҳои 20-90-уми асри XX" [Матн] / Р.О. Мамадқулова // Номаи Донишгоҳ. № 1( 74) 2023. – С. 51-57

**[4-М] Мамадқулова Р.О.** Шароитҳо ва манфиатҳои нави ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Узбекистон. [Матн] / Р.О. Мамадқулова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2023. -№ 4 (52), – С. 319 – 325

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М] Мамадқулова Р.О.** Кишоварзон. Муносибати бераҳмона бо об. // Маводи конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор (2018-2028)", БУстон, 2018

**[6-М] Мамадқулова Р.О.** "Чеҳраҳои мондагор"-и Эмомалӣ Раҳмон – тарғибгари мероси ниёгон // Конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи "Масоили мубрами фанҳои иҷтимоӣ-

гуманитарӣ ва дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фарогирии COVID-19”/ 25 декабри соли 2020, ш. Панҷакент.

**[7-М] Мамадқулова Р.О.** Пешвои миллат ва ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя” [Матн] / Р.О. Мамадқулова // “Иҷлосия – Парвозгоҳи Пешвои миллат”, Хуҷанд, 2023. – С.181-188 .

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**УДК: 321.15 (575.3:575.1)**
**ББК: 66.3 (2Т)**
**М - 22**

***На правах рукописи***

**МАМАДКУЛОВА РАНО ОЛИМОВНА**

# СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКИ УЗБЕКИСТАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ (конец XX – начало XXI вв.): УСЛОВИЯ И ОСОБЕННОСТИ

## АВТОРЕФЕРАТ

**диссертации на соискание ученой степени**
**кандидата исторических наук по специальности 07.00.15 –**
**История международных отношений и внешней политики**
**(исторические науки)**

**Душанбе – 2025**

Диссертация выполнена на кафедре зарубежного регионоведения факультета международных отношений Таджикского национального университета.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Самиев Холахмад Давлатович** – кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений Таджикского национального университета. |
| **Официальные оппоненты:** | **Сайидзода Зафар Шерали** – доктор исторических наук, профессор, главный сотрудник отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. |
| | **Кудратов Компрон Абдунабиевич** – кандидат исторических наук, доцент, заведующий отделом внедрения научных результатов Научно-исследовательского института Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. |
| **Ведущая организация:** | Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрав |

Защита диссертации состоится 24 сентября 2025 г. в 13:30 часов на заседании Диссертационного совета 6DКОА-024 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17)

Адрес: Умаров А.К. abdullo1189@mail.ru (тел.: +992 904-42-30-00)

С текстом диссертации можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета на сайте www.tnu.tj

Автореферат разослан «_______» _____________ 2025 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат исторических наук** **Умаров А.К.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В условиях усиления глобализационных процессов, ускорения темпа траснформационных изменений, особенно международной среды, появления и расширения новых традиционных и нетрадиционных угроз и вызовов безопасности, новым самостоятельным государствам придется прежде всего заботиться о путях и формах установления тесных и всесторонних связей со своими соседями по региону и расширении сотрудничества в рамках региональных интеграционных структур. Именно поэтому вопрос укрепления двусторонних и всесторонних отношений с государствами региона вошло в число главных приоритетов региональной политики Республики Таджикистан.

Следует отметить, что отношения между двумя странами находятся на высоком уровне стратегического партнерства и постоянно признаются и декларируются властями обеих стран. Свидетельством вышесказанного являются поздравительные телеграммы лидеров двух государств Эмомали Рахмона и Ш. Мирзиёева отправленные дуруг другу в дни празднования 30-летия установления дипломатических отношений 22 октября 2022 года, где выражаются глубокое удовлетворение нынешним состоянием лвусторонных отношений и уверенность в том, что дружба, добрососедства и стратегическое партнерство двух государств и впредь будет развиваться и служить делу общего развития братских народов. [76]

С этой точки зрения складывавшиеся веками отношения дружбы, доверия, и взаимопонимания послужили надежной основой для развития взаимовыгодного сотрудничества. Исследование состояния и особенностей двустороннего и многостороннего сотрудничества Таджикистана и Узбекистана за годы независимости стало одной из приоритетных направлений исторической и политической науки в республике. Вместе с тем, вскрытие специфики подходов и позиций двух государств в решении насущных двусторонних и региональных проблем в связи новыми кардинальными изменениями в политике государств региона становится актуальной и представляет научную ценность.

**Степень научной изученности темы.** Тема «Сотрудничество между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан в период независимости (конец XX – начало XXI вв): условия и особенности» хоть и является новой в исторической науке, тем не менее различные ее аспекты получили широкое распространение и стали предметом исследования в нескольких научных диссертациях и различных книгах и пособиях в двух

странах и за рубежом. Фактически все существующие источники и литературу можно разделить на несколько разделов по времени, месту и освещению вопросов, относящихся к той или иной сфере сотрудничества. Прежде всего, хотим напомнить, что произведения, выступления, и послания Лидера нации, Основателя национального мира и единства, Президента страны Эмомали Рахмона послужили руководством для выводов и предложений автора диссертации.[20, 24,26]

В **первую группу** вошли труды и статьи государственных и международных чиновников, в том числе министров иностранных дел в период независимости, исследователей в области внешней политики и дипломатии Таджикистана, посвященные стабилизации дипломатических отношений между Таджикистаном и Узбекистаном и различным аспектам сотрудничества между двумя соседними странами, в частности академика Т.Н. Назарова, Х. Зарифи, А. Сатторзода, З. Сайидзода, А. Шарифзода и др. [44,39, 50,48,49, 53].

**Вторая группа** литературы охватывает цикл работ и статей, посвященных истории взаимоотношений и сотрудничества таджикского и узбекского народов в советское время. Эти серии сочинений были использованы в диссертации для определения исторического развития отношений между двумя странами, которые являются друзьями и братьями, и доказательства того, что до эпохи независимости в отношениях между двумя странами была установлена прочная историческая, культурная, социально-экономическая основа стран. В том числе работы академиков Б.Г. Гафурова [34,35.36], З.Ш. Раджабова [46], узбекского литературоведа Э. Шодиева [55], историка З. Богумановой [33], А. Рахмонзода [47], Б. Ниязмухаммадова [45], можно перечислить совместные исследования ученых обеих стран, посвященные истории и особенностям сотрудничества двух народов в советское время. В частности, изучение и использование важных официальных и исторических материалов, содержащихся в книге «История таджикского народа. Новейшая история» [41], собранная таджикскими исследователями, во многом помогла объективно оценить, выявить особенности и проблемы отношений двух соседних стран в эпоху охлаждения двусторонних отношений.

К **третьей группе** относятся серии книг и статей, изданных в период независимости, которые имеют для нас особое значение и высокую ценность. В первую очередь можно упомянуть книги известных таджикских историков М. Бабаханова «История таджиков мира» [31] и Х. Шарифова «Таджики за

рубежом» [54], которые посвящены важным вопросам истории сосуществования и сотрудничества между таджиками и узбекским народом[1].

Книга академика А. Рахмонзода под названием «Мы ведем о дружбе речь » [47] является надежным источником в изучении, анализе и исследовании литературных и культурных связей таджикского и узбекского народов и деятельности правительств в период суверенитета.

В **четвертую группу** входят научные исследования таджикских и узбекских, а также зарубежных ученых, в которых отражены и проанализированы различные аспекты и направления двустороннего и многостороннего сотрудничества между Таджикистаном и Узбекистаном. В этих работах авторы особое внимание уделяли приоритетным вопросам сотрудничества между республиками Таджикистан и Узбекистан, смогли в общем виде изучить процессы взаимоотношений и их условия [56, 57, 58, 59,60, 61, 62]. Следует отметить, что эти исследования позволяют нам определить направления и приоритеты научного, культурного и социального сотрудничества двух стран с периода установления дипломатических отношений до начала нового века, не нашедшие отражения в других источниках, а также в опубликованной официальной литературе, циклах научных и научно-публицистических статей исследователей, экспертов, журналистов.

Вместе с тем, в ходе диссертационного исследования для научного обоснования выводов, заключений, собственной точки зрения относительно специфики и основных направления межгосударственных отношений, особенно существующих проблем, трудностей, барьеров, которые не нашли своего отражения в научных изысканиях историков и официальной литературе, большую роль играли серия научных и публичных статей исслдеователей, аналитиков, журналистов последних лет. [69, 71, 74, 84, 86, 92, 94]

Следует отметить, что официальные государственные визиты глав государств – Шавката Мирзиёева в Душанбе (март 2018 г.) и Эмомали Рахмона в Ташкент (август 2018 г.) стали важными историческими событиями в развитии двусторонних отношений. К этому привели усилия глав государств Таджикистана и Узбекистана по расширению дружественных отношений. В ходе двух встреч на высоком уровне было подписано

---

[1] Бабаханов М.Б. История таджиков мира. – Душанбе, 2002. – 368. Х. Шарифов. Таджики за рубежом. (На тадж. языке.)- Худжанд, 1996. – 368 с.

более 50 соглашений о сотрудничестве в различных областях межгосударственных отношений. В ходе ташкентской встречи 17 августа 2018 года президенты двух республик подписали Договор о стратегическом партнерстве, открывший новый жтап в истории взаимоотношений двух братских народов. На этом основании можно сделать вывод, что тема сотрудничества между Таджикистаном и Узбекистаном изучена, проанализирована и исследована на основе достоверных источников и литературы, что позволило улучшить научную, теоретическую и практическую стороны диссертации.

**Практическая связь диссертационного исследования с научно-исследовательскими проектами.** Диссертационное исследование выполнено в рамках реализации перспективного плана научно-исследовательской работы на кафедре зарубежного регионоведения факультета международных отношений Таджикского национального университета по теме «Центральная Азия в новой системе международных отношений» на 2016-2020 годы.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

Целью диссертационной работы является изучение исторических условий, особенностей, специфики установления и развития взаимоотношений Республики Таджикистана и Республики Узбекистана в период независимости (конец XX и начала XXI вв.). Для реализации данной цели автор счел необходимым выполнять следующие **задачи:**

- исследование и анализ исторических и социально-политических предпосылок сотрудничества двух соседних государств в годы нахождения в состав единого государства – Советский союз;

- исследование и всесторонный анализ становления взаимоотншений Республики Таджикистана и Республики Узбекистан в 90-е годы XX и первые десятилетия XXI столетия;

-выявление и анализ специфических особенностей культурно-гуманитарного сотрудничества двух соседних государств в исследуемый период;

-исследование и анализ факторов, приведших к осложнению взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в первые десятилетия XXI в.;

- изучение основных приоритетных направлений сотрудничества между Таджикистаном и Узбекистаном в контексте стратегического партнерства;

- выявление и разработка перспективных направлений сотрудничества Таджикистана и Узбекистана в ближайшие годы.

**Объектом исследования** являются условия и особенности сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан в конце XX и начале XXI в.

**Предметом** диссертационного исследования является изучение и анализ присходящих процессов и специфики двустороннего и многостороннего сотрудничества Таджикистана и Узбекистана в конце XX и начале XXI в.

**Этапы исследования.** Период исследования охватывает 2016-2022 гг. Научно-исследовательская работа проведена на кафедре зарубежного регионоведения факультета международных отношений Таджикского национального университета. Исторические рамки исследования со времени обретения независимости до 2019 года включают этапы установления дипломатических отношений, характер и особенности двусторонних связей в сложных условиях 90-х годов XX века и начале XXI века, замораживание двусторонних отношений и его последствия, поиск путей и механизмов нормализации отношений во второй декаде XXI века и специфика и особенностей формирования стратегического партнерства между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан.

**Теоретической основой исследования** являются устоявшиеся и научно доказанные теории международных отношений и межгосударственных взаимодействий, инструкции и предложения, доктрины и концепции внешней политики обеих государств.

**Методологической основой исследования** являются единый системный и сравнительно-исторический подход и другие популярные методы в науке о международных отношений и внешней политики Таджикистана.

**Информационно-аналитическую базу** исследования составляют Внешнеполитические концепции Республики Таджикистан и Республики Узбекистан, международные и межгосударственные договоры, соглашения, конвенции, Конституции Таджикистана и Узбекистана, Декларации о государственном суверенитете, Национальная стратегия развития Таджикистана на период до 2030 года, сравочные материалы архивов

Министерств иностранных дел, экономики и торговли обеих стран и другие нормативно-правовые документы.

**Источниковедческая база исследования.** Для всестороннего анализа темы и раскрытия её ключевых аспектов автором использован широкий спектр источников и материалов, которых можно разделить на следующие группы. В первую группу источников входят руководящие и направляющие документы – труды, выступления, послания, завяления Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева [11, 12, 13,17, 20, 21, 26].

Ко **второй группе** источников относятся архивные материалы министерств – иностранных дел, культуры, образования и науки, Национальной Академии наук, других профильных министерств и ведомств, ТОДКС и др. К третьей группе источников относятся официальные, правовые нормативные документы, соглашения, договоры, протоколы межправительственных комиссий и другие документы относящиеся к теме исследования. К четвертой группе относятся материалы периодической печати, интернет-сайты, статистические данные профильных ведомств и т.д.

В **третью группу** входят официальные документы, нормативно-правовые документы, определяющие внешнюю политику, соглашения, протоколы межправительственных комиссий, декларации и другие документы, относящиеся к данной теме. [1, 2, 3, 5,6,9]

